МАКОНИ ШОДИИ ДИЛҲОСТ ИСТИҚЛОЛ

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз*

# Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

6 сентябри соли 2019

№ 12-13 (107-108)



## СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ДОНИШ

**Ҳамватанони гиромӣ!**

**Омӯзгорону донишҷӯён ва хонандагони азиз!**

Имрӯз дар саросари кишвар соли нави таҳсил оғоз гардид, ки онро тамоми муассисаҳои таълимӣ бо дарси сулҳ шурӯъ мекунанд.

Ба ин муносибат устодону омӯзгорон, донишҷӯён ва хонандагони муассисаҳои таълимӣ, падару модарон ва бахусус, кӯдаконеро, ки имсол ба боргоҳҳои маърифат қадами нахустин мегузоранд, табрик мегӯям.

Ҳамчунин, сокинони кишварро ба ифтихори бузургтарин ва муқаддастарин ҷашни миллӣ - 28 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки баъди чанд рӯз таҷлил мегардад, самимона шодбош гуфта, барояшон саломативу сарбаландӣ орзу менамоям.

Дар замони пуртазод ва зудтағйирёбандаи муосир нақши сулҳ ва пойдории он нисбат ба ҳар вақти дигар аҳаммияти хосса касб кардааст. Зеро сулҳу оромӣ муҳимтарин омили рушди аҳли башар мебошад.

Мардуми Тоҷикистон ҳамеша хостори сулҳу оромӣ дар саросари ҷаҳон буда, хурду бузурги кишвари мо барои ҳифзи ин неъмати бебаҳо саъю талош мекунанд.

Зеро ҳанӯз дар оғози соҳибистиқлолӣ хоинони миллати тоҷик бо пуштибониву маблағгузории хоҷагони хориҷии худ мардуми моро ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор карданд.

Онҳо ба хотири ба даст овардани қудрати сиёсӣ виҷдону имон ва ҳатто мазҳабашонро фурӯхта буданд ва мехостанд ба мардуми тоҷик фарҳангу мазҳаби бегонаро таҳмил карда, дар кишвари тозаистиқлоли мо давлати исломӣ барпо намоянд.

Ин хиёнати таърихии онҳо боиси қурбон шудани беш аз 150 ҳазор нафар ҳамватанонамон, ятим мондани зиёда аз 50 ҳазор нафар кӯдакони бегуноҳ, ба гуреза табдил ёфтани бештар аз як миллион сокинони мамлакат ва хисороти азими моддиву молиявӣ гардид. Дар маҷмӯъ, ҷанги шаҳрвандӣ кишвари моро аз масири рушд даҳсолаҳо ба ақиб партофт.

Дар робита ба ин, ба мардуми шарифи Тоҷикистон хотирнишон менамоям, ки иддае аз хоинони миллати тоҷик ва бадхоҳони давлати мо то ҳанӯз аз нияту нақшаҳои харобиоварашон даст накашидаанд ва дар хориҷи кишвар бо кумаки хоҷаҳои берунии худ ба тӯҳматсозӣ ва дурӯғбофиву дасисабозӣ идома дода истодаанд.

Дасисаву тӯҳматбофӣ дар ҳаққи Ватан, модар, миллат, давлат ва зодгоҳи худ, яъне обу хоке, ки онҳоро парваридааст, хусусияти зотӣ ва хислати пасти инсонии чунин шахсони хиёнатпеша мебошад.

Лекин онҳо набояд фаромӯш созанд, ки халқи мо, яъне миллате, ки тақдирашро ба дасти худ гирифтааст ва ба сӯи ояндаи ободу осуда бо қадамҳои устувор пеш меравад, хоинону душманони миллати тоҷикро хуб мешиносад, дигар ҳаргиз ба доми фиребу найранги онҳо гирифтор намешавад ва оқибатҳои даҳшатбори ҷанги бародаркуши ибтидои солҳои навадуми асри гузаштаро низ ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад.

Такроран хотирнишон месозам, ки барои чунин хоинон мафҳумҳои муқаддаси Ватан, модар, миллат, таърих, забон ва фарҳанги миллӣ ягон арзиш надорад.

Дигар ин, ки мардуми мо таърихи бостониву пурифтихор, фарҳанги қадима, забони ширину шоирона, расму ойинҳои ҳазорсола ва мазҳаби худро доранд, ба онҳо арҷ мегузоранд ва онҳоро дӯст медоранд.

Даҳсолаҳои охир баъзе доираҳои манфиатҷӯй исломро ҳамчун омили муборизаи сиёсӣ истифода карда, боиси бадномии дини ислом ва мардуми мусулмон шуда истодаанд.

Мо чунин кӯшишҳои сиёсисозии дини мубини исломро ҳамеша маҳкум мекунем ва бар зидди хурофот ва таассуби динӣ мубориза мебарем. Чунки хурофот садди роҳи пешрафт мебошад ва мо оқибатҳои ин раванди хатарнокро дар мисоли баъзе кишварҳои минтақа дида истодаем.

Гузашта аз ин, хурофотҷаҳолат аст ва ҷаҳолат, ки бесаводиву бемаърифатӣ асоси он мебошад, сабаби ҳамаи бадбахтиҳо ба ҳисоб меравад.

Маҳз бо дастгирии мардуми сулҳдӯсту таҳаммулгароямон мо дар кишвар сулҳу оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдати миллиро таъмин кардем ва боз ҳам бо заҳмати аҳлонаи мардуми шарифи Тоҷикистон хисороти ҷанги шаҳрвандиро бартараф карда, барои расидан ба марҳалаи рушди бомароми иқтисодиву иҷтимоӣ роҳ кушодем.

Бо истифода аз фурсати муносиб, ба тамоми хонандагону донишҷӯён ва ҷавонони кишвар хотиррасон месозам, ки мо ба шарофати иродаи қавӣ ва рӯҳи шикастнопазири халқамон ва бар ивази ҷони ҳазорон нафар фарзандони шуҷои миллат барои хушбахтӣ ва рӯзгори босаодати халқамон ҷон ба гарав гузошта, истиқлолияту озодии Тоҷикистон ва якпорчагии Ватани азизамонро ҳифз намудем, давлати ҷавони худро аз хатари нобудшавӣ ва миллатро аз парокандагӣ наҷот додем.

Дар ин даврони орому осоишта ва пешрафти бесобиқаи кишварамон мо ҳамаи шароиту заминаҳоро барои таҳсилу омӯзиш ва зиндагии шоистаи ҷавонон фароҳам овардаем ва ният дорем, ки дар оянда барои наслиояндасоз заминаҳои боз ҳам беҳтарро муҳайё кунем.

Дар оғози соли нави таҳсил, яъне дар рӯзе, ки мо ба донишу маърифат ҳамчун калиди худогоҳиву бедорӣ ва ибтикору созандагӣ арҷ мегузорем, бори дигар таъкид менамоям, ки нерӯи ақлу хирад, донишу маърифат ва иродаву садоқат роҳи шуморо дар идома додани корномаи бузургони гузаштаи миллати тоҷик равшан хоҳад кард.

Сабақҳои таърих ҳушдор медиҳанд, ки шумо - ҷавонони кишвар ва наслҳои оянда дар назди давлат ва сарнавишти халқи тоҷик масъулияти бузург доред.

Арҷ гузоштан ба арзишҳои таърихиву фарҳангии миллати куҳанбунёдамон, аз худ намудани илму дониш, касбу ҳунар, навовариву ихтироъкорӣ ва дар арсаи байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ намудани давлату миллат вазифаи муқаддаси шумо - наслҳои замони истиқлолият мебошад.

Итминони комил дорам, ки шумо - наслиояндасоз ба қадри истиқлолияту озодии Ватан - ин неъмати бебаҳо мерасед ва онро чун гавҳараки чашм эҳтиёт мекунед.

Сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дастоварди таърихии халқи тоҷик мебошад, зеро ба шарофати ин неъматҳо мардуми мо аҳлона заҳмат кашида, то имрӯз садҳо иншооти хурду бузургро бунёд намуданд, фаъолияти корхонаҳои саноатиро аз нав барқарор карданд, ба кишоварзӣ такони ҷиддӣ бахшиданд, роҳу пулҳо бунёд карда, кишварро аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшиданд ва Тоҷикистони сепорчаро ба қаламрави воҳид табдил доданд, барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ шабонарӯзӣ кор карданд ва дар натиҷа ба пешрафти ҳамаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ муваффақ шуданд.

Бо вуҷуди дастовардҳои то имрӯз ноилшудаамон, мо бояд боз ҳам бештар заҳмат кашем, то ки камбудиву мушкилоти ҷойдоштаро бартараф созем, Ватани худро обод гардонем ва бо истифодаи самараноки тамоми захираву имкониятҳо рушди босуръати иқтисодиёти Тоҷикистони азизамонро таъмин намоем.

Ман борҳо гуфтаам ва мехоҳам бори дигар таъкид намоям, ки хонаи мо, яъне Ватан ва давлати моро каси дигар обод намекунад. Мо кишвари азизамонро худамон пешрафта мегардонем ва ба наслҳои оянда як мулки ободро ба мерос мегузорем.

Дар ин раванд, мо бояд зиракиву ҳушёрии сиёсиро аз даст надиҳем, яъне дар ғафлат намонем, кишвар ва мардуми худро аз таъсири хатарҳои замони имрӯза эмин нигоҳ дорем, барои ҳифзи давлати соҳибистиқлол ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ, инчунин, забон, таърих, фарҳанг, расму ойинҳо ва дигар арзишҳои миллӣ ҳамеша омода бошем.

Мо бояд ба муқобили ҳама гуна зуҳуроти номатлуби ҷаҳони муосир, аз қабили терроризму экстремизм, радикализми динӣ, қочоқи маводи мухаддир, силоҳ, хариду фурӯши одамон, ҷинояткории муташаккили фаромиллӣ ва дигар омилҳои хатарзо, ки ба сулҳу суботи ҷаҳон, аз ҷумла кишвари мо таҳдид менамоянд, мубориза барем.

Имрӯз вазъи ҷаҳон бисёр мураккабу буҳронӣ гардидааст. Агар баъди ҷанги дуюми ҷаҳон тайи даҳсолаҳо ҷанги сард омили бесуботии дунё гардида бошад, ҳоло терроризму экстремизм ба мушкилоти ҷиддитарини глобалӣ табдил ёфтаанд.

Яъне вазъияти ҷаҳон дар зарфи даҳсолаҳои охир ҳаргиз чунин печидаву хавотиромез набуд. Рӯйдодҳои вақтҳои охир дар минтақа ва ҷаҳон, бахусус, нишасти сатҳи олии Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, ки дар шаҳри Душанбе доир гардид, равшан сохтанд, ки мавзӯъҳои геополитикӣ ва геостратегӣ барои кишварҳои ҷаҳон аҳаммияти рӯзафзун пайдо карда истодаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, илова ба ин, ки дар давраи раёсати худ дар фаъолияти ин ҳамоиш тайи солҳои 2018 - 2020 ҷиҳати амалӣ намудани панҷ ченаки асосии он - иқтисодӣ, экологӣ, арзишҳои инсонӣ, мубориза бо таҳдиду хатарҳои замони муосир, ҳамчунин, дар арсаи низомиву сиёсӣ нақши назаррас бозида истодааст, инчунин, омода аст, ки минбаъд низ дар ҳалли масъалаву мушкилоти глобалӣ, пеш аз ҳама, пойдории сулҳу суботи сартосарӣ ва тавсеа бахшидан ба ҳамкорӣ миёни кишварҳои минтақа саҳми арзишманд гузорад.

Зеро мо хуб медонем, ки ҷанг бенизомиву беқонунист, хунрезиву куштори одамони бегуноҳ аст ва ҳамеша гуруснагиву қашшоқӣ ва харобиву бадбахтӣ меорад.

Сулҳу оромӣ шарти ободиву пешрафт ва амалӣ гардидани ҳамаи нияту орзуҳои неки ҳар як инсон мебошад.

Маҳз ба ҳамин хотир, мардуми Тоҷикистон ба қадри сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мерасанд ва аз зиндагии орому осудаи имрӯза шукрона мекунанд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Рӯзи дониш ва дарси сулҳ имсол дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Ин муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз таҳсилоти олии касбӣ зодаи даврони истиқлолият мебошад.

Ҳанӯз дар солҳои нахустини истиқлолият зарурати ба давраҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ фаро гирифтани ҳайати роҳбарикунандаи тамоми мақомоти давлатии марказиву маҳаллӣ пеш омад.

Ба ин хотир, мо соли 2013 дар заминаи Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ Донишкадаи идоракунии давлатиро таъсис дода, дар он на танҳо давраҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисосро ба роҳ мондем, балки зинаҳои таҳсилоти бакалавр ва магистратураро ташкил карда, таълими технологияҳои иттилоотӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, менеҷменти сиёсӣ, идоракунии ҳайати кадрӣ ва идоракунии давлатиро ҷорӣ намудем.

Соли 2016 тасмим гирифтем, ки дар шафати биноҳои мавҷудаи донишкада иншооти замонавӣ бунёд карда, мушкилоти ин муассисаро пурра ҳал намоем.

***(Давомаш дар саҳ. 2)***

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ДОНИШ

*(Аввалаш дар саҳ. 1)*

Бинои навбунёд аз 12 ошёна ва ду қисм - қисми таълимӣ бо 1320 ҷойи нишаст ва хобгоҳ барои 130 нафар иборат мебошад ва масоҳати умумии сохтмон қариб 20 ҳазор метри мураббаъро ташкил медиҳад. Донишкада ягона муассисае мебошад, ки таълим дар он пурра тавассути низоми электронии худидора ба роҳ монда шудааст.

Умедворем, ки устодону донишҷӯён ва шунавандагону кормӯзони ин муассиса аз чунин шароити замонавӣ самаранок истифода карда, раванди таълимро бо сифати баланд ба роҳ мемонанд, таҷриба меомӯзанд, такмили ихтисос намуда, аз мактаби роҳбарӣ мегузаранд ва дар таҳкиму рушди давлатдории миллӣ саҳми сазовор мегузоранд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Барои таъмин намудани пешрафти бонизоми давлати миллӣ мо ба кадрҳои баландихтисоси соҳаи идоракунӣ ва хизмати давлатӣ ниёз дорем.

Зеро рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҳар як халқу миллат аз сатҳи саводу маърифат, савияи донишҳои касбии хизматчиёни давлатӣ ва фаъолияти пурсамари онҳо вобастагӣ дорад.

Аз ин рӯ, мо бештар ба тарбияи кадрҳои сатҳи байналмилалӣ, ки дорои ҷаҳонбинии васеъ, дониши амиқи касбӣ, қобилияти баланди ташкилотчигӣ ва забондон бошанд, эътибори аввалиндараҷа медиҳем.

Хизмати давлатӣ бояд ба татбиқи сиёсати иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавии давлат, вазъи муътадили сиёсӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳли ҷомеа нигаронида шавад.

Мо бояд кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои байлналмилалӣ, мутахассисони дорои сатҳи баланди касбӣ ва кормандони ватандӯсту масъулиятшиносро омода намоем.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки шахсони босаводу донишманд барои ҳар як давлату миллат сарвати бебаҳо, нерӯи тавонои зеҳнӣ ва кафили пешрафти давлату ҷомеа ба шумор мераванд. Дар ин раванд, ҳамеша дар ёд бояд дошт, ки мо ворисони мероси бузурги маънавии гузаштагони некноми худ ҳастем.

Аҷдоди мо ҳанӯз чанд ҳазор сол пеш соҳиби фарҳанг, забон ва хат буданд ва ба ояндагон осори гаронбаҳое ба ёдгор гузоштаанд.

Дар асрҳои баъдӣ низ бо вуҷуди мушкилоту монеагузориҳои зиёд маданияти китобдориву пешбурди илму фарҳанг дар байни аҷдоди мо ривоҷ доштааст, ки осори ҷовидонаи илмӣ ва хусусан, мероси адабие, ки аз устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то устод Мирзо Турсунзода боқӣ мондааст далели бебаҳси ин гуфтаҳо мебошад.

Мо бо таърих, илму адаб ва маънавиёту фарҳанги бостонии худ ифтихор мекунем ва дар баробари ин, мероси бойи гузаштагонро барои тарбияи наслҳои ҷавон ва кадрҳои ояндасоз васеъ истифода мебарем.

Бо мақсади дар сатҳи талаботи байналмилалӣ ба роҳ мондани таҳсил ва бозомӯзии хизматчиёни давлатӣ ҳайати омӯзгорони Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марказҳои бонуфузи кишварҳои хориҷӣ таҷриба андӯхта, усулҳои идоракунӣ ва хизмати давлатиро аз худ намудаанд ва минбаъд низ донишу малакаи худро мунтазам такмил медиҳанд.

Олимону омӯзгорони Донишкадаи идоракунии давлатӣ бояд таҷрибаи кишварҳои пешрафтаро омӯзанд, дар ин замина барномаҳои гуногунро таҳия кунанд ва ба истифодаи технологияҳои муосир ҷиҳати татбиқи нақшаи ҳукумати электронӣ ва ҷалби мутахассисони соҳибкасб барои амалисозии ин мақсад саъю кӯшиш намоянд.

Ҷиҳати тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос, афзудани нерӯи зеҳнӣ ва рушди сармояи инсонӣ дар хизмати давлатӣ, инчунин, таҳлили илмии сифат ва самаранокии идоракунӣ ва хизмати давлатӣ зарурати баланд бардоштани мақоми ин муассиса ба миён омадааст.

Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шавад.

Таъсиси Академияи идоракунӣ ба омодагии сифатан беҳтари касбии кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатӣ ва татбиқи сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати мамлакат мусоидат хоҳад кард.

Ин иқдом метавонад, инчунин, ба ташкили боз ҳам васеътари давраҳои бозомӯзӣ, такмили ихтисоси хизматчиёни давлатӣ, ташкили таҳқиқоти бунёдӣ оид ба идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ такони ҷиддӣ бахшад.

Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муддати се моҳ лоиҳаи қарори дахлдори Ҳукумати мамлакатро оид ба ин масъала таҳия ва пешниҳод намояд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Ҳадафҳои неки созандаву бунёдкорона дар даврони соҳибистиқлолии Ватан аз устодону омӯзгорон, олимону донишмандон ва дар маҷмӯъ, аз тамоми кормандони соҳаҳои илму маориф тақозо доранд, ки пеш аз ҳама, бо донишҳои муосири илмиву техникӣ мусаллаҳ бошанд ва шогирдону таълимгирандагонро ба омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар сафарбар карда, ин қишри фаъоли ҷомеаро дар рӯҳияи баланди худшиносӣ ва худогоҳӣ тарбия намоянд.

Давлату Ҳукумат аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба пешрафти илму маориф ҳамчун омили асосии пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ин сиёсатро муттасил идома медиҳад.

Қабули як қатор барномаву консепсияҳои муҳимми давлатӣ барои татбиқи ислоҳоти соҳаҳои илму маориф ва дар ин замина беҳтар намудани шароити кори олимону омӯзгорон ба сатҳу сифати таълиму тарбия дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот такони ҷиддӣ бахшид.

Мо бояд минбаъд низ ба соҳаи маориф, таълиму тарбияи наврасону ҷавонон, нақши омӯзгорон дар омода кардани кадрҳои лаёқатманду соҳибмаърифат ватандӯсту ватанпарвар, худогоҳу хештаншинос ва содиқ ба Ватан, давлат ва миллат боз ҳам бештар таваҷҷуҳ намоем.

Равандҳои замони муосир аҳли маорифро водор месозанд, ки дар тарғиби моҳияти истиқлолу озодӣ ва ҳифзи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ, таблиғу ташвиқи арзишҳои маънавӣ, аз ҷумла забон, таъриху фарҳанг, расму ойин, анъанаҳои миллӣ ва ба ин восита дар замири донишҷӯёну хонандагон таҳким бахшидани ҳисси миллӣ, ифтихори ватандорӣ ва омода будан ба ҳифзи манфиатҳои Тоҷикистони азизамон саҳми калидӣ дошта бошанд.

Яке аз ҳадафҳои муҳимме, ки дар назди устодону омӯзгорон қарор дорад, тарбияи мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир ва мутобиқ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мебошад.

Барои ин бояд раванди ихтироъкорӣ, азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ, ҷорӣ кардани онҳо дар истеҳсолот ва самарабахш гардонидани натиҷаи корҳои илмиву таҳқиқотӣ вусъат бахшида шавад.

Дар ин росто, эътибори асосӣ на ба шумора, балки ба сифат бояд дода шавад. Дар робита ба масъалаи тарбияи кадрҳо бори дигар таъкид месозам, ки Вазорати маориф ва илм якҷо бо дигар вазорату идораҳои марбута доир ба омӯзиши дақиқи талаботи воқеии соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба кадрҳо чораҷӯӣ карда, дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот азхудкунии илмҳои дақиқ, технологияҳои иттилоотӣ ва забонҳои хориҷиро таҳти назорати доимӣ қарор диҳад.

Ҳамчунин, зарур аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба сатҳи донишҳои иқтисодиву ҳуқуқӣ ва малакаи пешбурди соҳибкориву ҷалби сармоя барои соҳибкорони оянда эътибори ҷиддӣ дода шавад.

Маблағгузории соҳаи илму маориф аз ҳисоби буҷети давлат ҳар сол зиёд карда мешавад.

Ҳамчунин, ба муносибати ҷашни бузурги миллӣ - сисолагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои бузурги созандагӣ ҷиҳати беҳтар намудани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, сохтмони инфрасохтори ба талаботи муосир ҷавобгӯ, сохтмони мактабҳо дар мавзеъҳои аҳолинишини навбунёд ва бунёди муассисаҳои тандурустӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар, пеш аз ҳама, дар деҳаҳои дурдаст ва маҳалҳои аҳолинишин бомаром идома доранд.

Фикр мекунам, ки дар сурати амалӣ шудани нақшаҳои қабулшуда то ҷашни 30-солагии истиқлолияти давлатӣ мушкилоти соҳаҳои маорифу тандурустӣ асосан ҳал мегарданд.

Бояд гуфт, ки вазъи таълими фанҳои табиатшиносиву дақиқ, аз ҷумла фанҳои таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва илмиву таҳқиқотӣ ҳанӯз моро қонеъ гардонида наметавонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳангоми банақшагирӣ ва маблағгузории соҳаи маориф бартарияти таълими таҳсилоти миёнаи умумӣ, хусусан, бахши илмҳои дақиқ ба қадри кофӣ ба назар гирифта намешавад.

Ин раванд собит месозад, ки ҷиҳати ба талаботи бозори меҳнат ва соҳаҳои афзалиятноки рушди давлат мувофиқ кардани низоми маориф ҳанӯз ҳам як қатор масъалаву мушкилот вуҷуд доранд.

Аз ин рӯ, имрӯз сатҳу сифати таълими фанҳои табиатшиносиву дақиқ ва таҷрибавӣ дар муассисаҳои таълимии кишвар ба дастгирӣ ниёз дорад, зеро таълими фанҳои зикршуда ва тарбияи мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замони муосир бе озмоишгоҳҳои муҷаҳҳаз ва таҷҳизоти замонавӣ ғайриимкон мебошад.

Ҳоло омӯзгорони фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ ҳангоми анҷом додани озмоишҳо бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ гардидаанд. Бо ин сабаб хонандагон мактаби миёнаро бе андӯхтани чунин таҷриба хатм карда, ба мактабҳои олӣ дохил мешаванд ва ба иллати мавҷуд будани чунин камбудӣ дар макотиби олӣ ин муассисаҳоро низ бе анҷом додани таҷриба дар озмоишгоҳҳо ба итмом расонида, соҳиби дипломи таҳсилоти олии касбӣ мегарданд.

Бо дарназардошти чунин вазъ, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ барои солҳои 2018-2020" қабул шуд, ки ҳадафи он беҳбудӣ бахшидан ба фаъолияти муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Вале тибқи таҳлилҳо иҷрои барнома қонеъкунанда нест. Илова бар ин, барномаи зикршуда фақат шумораи муайяни муассисаҳои таҳсилоти умумиро қисман фаро гирифта, солҳои 2018-2019 аз ҳисоби буҷетҳои марказӣ ва маҳаллӣ умуман маблағгузорӣ нашудааст. Гузашта аз ин, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмиву таҳқиқотӣ аз доираи амали он берун мондаанд.

Аз ин лиҳоз, Вазорати молия, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд, ки якҷо бо Вазорати маориф ва илм бо дарназардошти муҳим будани масъалаи зикршуда иҷрои пурраи барномаро то ҷашни 30-солагии истиқлоияти давлатӣ таъмин намоянд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Ҳукумати Тоҷикистон рушди илмро дар баробари маориф ва тандурустӣ самти афзалиятноки стратегияи рушди миллӣ эълон намудааст.

Аз ин хотир, Ҳукумати мамлакат ба масъалаи мустаҳкам кардани пояҳои моддиву техникии Академияи илмҳо бо мақсади таъмин намудани самаранокии фаъолияти он эътибори доимӣ медиҳад.

Муассисаҳои академӣ вазифадоранд, ки дар рушди минбаъдаи ҷомеа ва давлати соҳибистиқлолу озодамон саҳми бештар ва муассир дошта бошанд. Ягона талаби давлат аз роҳбарон ва олимону кормандони муассисаҳои илмӣ ин аст, ки илм бояд ҳамқадами замон бошад.

Аз ҷумла, вазифаи Академияи илмҳо ва академияҳои соҳавӣ, ки дар иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат - таъмини истиқлолияти энергетикӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар фаъолона саҳм гузоранд.

Якум, дар самти ҳифзи амнияти озуқаворӣ. Доир ба ин масъала на танҳо олимони соҳаи кишоварзӣ ва биологӣ, балки олимони илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ низ бояд бо дарназардошти дастовардҳои илми ҷаҳонӣ таҳқиқоти илмӣ анҷом диҳанд. Таъмин намудани пешрафти илмҳое, ки ба офаридани навъҳои гуногуни наботот мусоидат менамоянд, зарур мебошад.

Инчунин, масъалаи бехатарии биологӣ, ки дар самти ҳифзи амнияти озуқаворӣ ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти инсонро фаро мегирад, аз ҷумлаи мушкилоти глобалӣ ба шумор меравад.

Дар замони муосир, яъне дар шароите, ки хатари силоҳи биологӣ ва биотерроризм зиёд шуда истодааст, ин масъала аҳамияти махсус пайдо менамояд.

Паҳн гардидани вирус ва генҳои бемориовар, бо бактерияҳо олуда шудани маҳсулоти озуқа, олудашавии хок ва обу ҳаво, ворид гардидани шаклҳои бегонаи организмҳои зинда ба экосистемаҳо омилҳои манфӣ ва номатлубе мебошанд, ки андешидани чораҳои муассирро вобаста ба бехатарии биологӣ тақозо мекунад.

Фаъолияти олимонро ба самтҳои таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар, ки бидуни онҳо пешрафти иқтисодиёти миллӣ ғайриимкон аст, равона намудан талаби замон аст.

Таҳқиқоти дар ин самт амалигардида бояд ҳатман дар истеҳсолоти ватанӣ ҷорӣ карда шаванд. Бо ин мақсад ба роҳ мондани робитаи илм бо истеҳсолот вазифаи аввалиндараҷаи Академияи илмҳо ва вазорату идораҳои дахлдор ба ҳисоб меравад.

Дигар рисолати муҳимми олимони кишвар поку бегазанд нигоҳ доштани забони давлатӣ, густариши доираи истифодаи он, суфтаву ғанӣ гардонидани забони адабӣ, тоза нигоҳ доштани забони муошират, эҳёи фарогири забони илмии тоҷикӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани дастовардҳои ниёгони мо, ки дар ғанисозии тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми босазо гузоштаанд, соҳибӣ намудани мероси онҳо ва мубориза бо таҳрифгарони таърихи пурифтихори халқамон мебошад.

Бинобар ин, Академияи илмҳо ва академияҳои соҳавиро зарур аст, ки фаъолияти худро дар самтҳои афзалиятноки илми кишвар боз ҳам пурзӯр намуда, иҷрои барномаву стратегияҳои дар соҳаи илм қабулгардидаро сари вақт ва босифат таъмин намоянд.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Сифати таҳсилот дар оянда низ ҳамчун масъалаи муҳимтарини соҳаи маориф боқӣ мемонад. Қобили зикр аст, ки барои таъмин намудани сифати таълим то имрӯз аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, вазорату идораҳои дахлдор ва худи муассисаҳои таълимӣ корҳои зиёде амалӣ гардидаанд, вале барои ислоҳи вазъ дар ин самт бояд тадбирҳои ҷиддӣ ва қатъӣ андешида шаванд.

Аввалан, вобаста ба он, ки муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ дар робита ба гузариш ба низоми кредитии таҳсилот низоми холгузориву рейтингии садхоларо ҷорӣ кардаанд, бояд дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ низ барои гузариш ба ин низом ва меъёри баҳогузорӣ ҳарчи зудтар чора андешида шавад.

Масъулони соҳаро зарур аст, ки таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва дар баъзе муассисаҳои таълимии кишвар ба таври таҷрибавӣ ҷоригардидаро натиҷагирӣ карда, ин масъаларо ҳаллу фасл намоянд.

Дуюм, чунонки маълум аст, дар муассисаҳои таълимии тамоми зинаҳои таҳсилот аз соли 2007 низоми назорати сифати таҳсилот ва аз соли 2010 низо-

*(Давомаш дар саҳ. 3)*

# СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ДОНИШ

*(Аввалаш дар саҳ. 1-2)*

ми идоракунии таҳсилот амал мекунад.

Вале бо сабаби нокифоя будани таҷриба ва камфаъолиятии масъулон, ки дар сохторҳои идоракунии сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ фаъолият мекунанд, амалӣ нашудани баъзе принсипҳои идоракунии ин самти муҳимтарини фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ба назар мерасад.

Дар робита ба ин, роҳбарони Вазорати маориф ва илм ва масъулини соҳаро зарур аст, ки тавассути татбиқи самараноки принсипҳои идоракунии сифат барои гузариш ба низоми муосири таъмини сифати таҳсилот замина муҳайё созанд.

Сеюм, мо сиёсати давлати худро дар соҳаи маориф ба сӯи наздикшавӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ ва ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот равона сохтаем. Дар ин росто, моро зарур аст, ки низоми арзёбии сифати таҳсилотро низ ба ин меъёрҳо мутобиқ гардонем.

Аз ҷумла, мо бояд низоми кафолати сифати таҳсилотро, ки дар кишварҳои пешрафта, махсусан, дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ роҳандозӣ шудааст, ҳамаҷониба омӯхта, барои гузариш ба ин низом замина фароҳам оварем.

Ҳоло бо мақсади беҳтар намудани сифати таҳсилоти олии касбӣ ва мутобиқ кардани он ба талаботи бозори меҳнати дохил ва хориҷи кишвар дар доираи Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф ислоҳоти ҷиддии таҳсилоти олии касбӣ оғоз шудааст.

Илова ба корҳои то имрӯз дар ин самт амалигардида, Вазорати маориф ва илм ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бояд дар хусуси ба фазои ҷаҳонии таҳсилот мутобиқ намудани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва устувор гардонидани мақоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар арсаи байналмилалӣ барои аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронидани барномаҳои таълимӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Бори дигар таъкид менамоям, ки мо бояд ба сатҳу сифати таҳсилот аз ҳарвақта дида, бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоем, дар ҳамаи зинаҳои таълим усулҳои пешқадамро ҷорӣ созем ва талаботро нисбат ба таълими донишҳои назариявӣ ва амаливу таҷрибавӣ пурзӯр намоем. Мо илмро пояи устувори давлат ва ҷомеа донista, барои рушди пайвастаи он шароити боз ҳам беҳтар фароҳам меорем.

Ҳамзамон бо ин, олимонро зарур аст, ки ҳамкориро бо истеҳсолот густариш бахшанд, навгониҳои илмиро дар истеҳсолот бештар ҷорӣ намоянд, барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ талош варзанд, ҷавононро ба илмҳои бунёдӣ васеъ ҷалб созанд ва дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун нерӯи фаъоли ҷомеа саҳмгузорӣ намоянд.

Омӯзгорони мо бояд меъёрҳои арзёбии дониши шогирдонро тавсеа бахшанд, барои омӯзонидани таърих, забон, адабиёт, фарҳангу санъати гузаштаву муосир, расму ойин ва дигар арзишҳои миллӣ зиёдтар талош намоянд, ба хонандагону донишҷӯён арзишҳои муқаддаси истиқлолият ва озодиро дуруст шарҳ диҳанд, моҳияти сулҳу суботро ҳамчун шарти асосии зиндагии орому осудаи мардуми Тоҷикистони азиз таблиғ созанд, барои расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ талош карда, дар раванди бунёди ҷомеаи шаҳрвандии демокративу дунявӣ саҳми арзандаи хешро гузоранд.

Падару модарон ба сифати нерӯи асосӣ ва фаъоли ҷомеа бояд ба таълиму тарбияи фарзандон зиёдтар аҳаммият диҳанд, онҳоро дар рӯҳияи ватанпарварӣ, инсондӯстӣ, эҳтироми калонсолон ва омӯзгорон тарбия карда, барои боло рафтани сатҳи ҷаҳонбиниву дониши наврасону ҷавонон саъю талош варзанд, завқи онҳоро ба китобхонӣ, донишандӯзӣ, забономӯзӣ ва варзиш зиёд гардонанд ва барояшон ҷиҳати омӯхтани касбу ҳунарҳои замонавӣ шароити хуб фароҳам оваранд.

Падару модарони муҳтарами мо бояд назоратчӣ набошанд, балки фарзандони худро тарбия кунанд ва барои ҳамчун инсони комил ба воя расонидани онҳо заҳмат кашанд. Ин кор танҳо вазифаи мактаб ва омӯзгор нест.

Наврасон ва ҷавонон, ки мо онҳоро наслҳоиояндасози кишвар медонем, вазифадоранд, ки ба омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунарҳои замонавӣ ҷиддӣ машғул шаванд, ду - се забони хориҷиро мисли забони модарии худ донанд ва истифодаи технологияҳои электронии муосирро аз худ намоянд.

Шумо - ҷавонони азиз, ҳаргиз фаромӯш накунед, ки гузаштагони мо - тоҷикон дар тӯли тамоми таърих соҳиби саводу маърифат, китобу қалам, илму дониш ва офарандагони яке аз тамаддунҳои бостонӣ, инчунин, шаҳрсозу шаҳрдору шаҳрнишин буданд.

Мисоли равшани ин Саразми 5500-сола ва дигар шаҳрҳои қадимии тоҷикон мебошанд.

Миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз таърихан соҳиби ғурури миллӣ ва ҳисси баланди миллӣ мебошад.

Итминон дорам, ки шумо-ворисони аҷдоди сарбаланду некноми мо бо истифода аз шароиту имкониятҳои беҳтарине, ки давлату Ҳукумат бароятон муҳайё кардааст, ҳамчун насли сазовори номи неки миллати тоҷик ва давлати соҳибистиқлоли худ ба камол мерасед.

Ватанро сидқан ва мисли ҷони хеш дӯст медоред, барои ҳимояи он ва боз ҳам ободу пешрафта гардонидани Ватани азизи худ, яъне давлати соҳибистиқлолу озоди тоҷикон заҳмат мекашед.

Бо чунин орзуҳои нек тамоми хонандагону донишҷӯён, аҳли маориф, олимону донишмандон, падару модарон, сокинони мамлакат ва ҳамаи шумо - ҳозирини муҳтарамро бори дигар ба ифтихори муқаддастарин ва бузургтарин ҷашни миллӣ - 28-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, Рӯзи дониш, дарси сулҳ ва оғози соли нави таҳсил, табрик гуфта, ба ҳар кадоми шумо саломатӣ ва комёбиҳои рӯзафзун орзу менамоям.

**Саодатманду сарбаланд ва муваффақу пирӯз бошед!**

# БУЗУРГТАРИН ВА ШУКӮҲМАНДТАРИН САНАИ СИЁСИВУ ТАЪРИХӢ

## Таманниёти ректори донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур ба муносибати Рӯзи дониш ва 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ҳамкасбон ва донишҷӯёни азиз!**

Қаблан ҳамаи шуморо бо Рӯзи дониш (1-сентябр) ва 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику муборакбод гуфта, ба ҳар яки Шумо тансиҳатӣ, саодати рӯзгор, сарбаландӣ ва дар касбу коратон, ки бениҳоят заҳматталаб асту масъулияти ҷиддиро тақозо мекунад, барору комёбиҳо таманно дорам.

Рӯзи дониш, ки дар тамоми кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) таҷлил мегардад, иди илму маърифат ба ҳисоб рафта, ҳамасола дар рӯҳияи баланди ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ, шукргузорӣ аз давлатдорию соҳибистиқлолӣ ва таваҷҷуҳи хоссаи Президенти мамлакатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф, ки рушди босуботи он пешрафту шукуфоии кишварро таъмин менамояд, ҷараён мегирад.

Боиси ифтихор аст, ки тайи чанд соли охир дар Рӯзи дониш дарси сулҳро муноди сулҳ, Президенти маҳбуби кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин ё он макотиби олӣ гузаронида, пешравиҳо ва камбудиҳои ҷойдоштаи соҳаи маорифро таҳлилу баррасӣ намуда, дар назди кормандони соҳа баҳри боз ҳам беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия, тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси ба талаботи бозори меҳнат рақобатпазир вазифаҳои мушаххас гузошта, дастуру маслиҳатҳои муфид медиҳанд.

Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Рӯзи дониш дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мардуми шарифи Тоҷикистон, аз ҷумла мову Шумо онро аз тариқи шабакаҳои гуногуни телевизиони мамлакат тамошо кардем, бори дигар собит намуд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ баҳри зиндагии осоиштаи мардум, пойдории сулҳу субот дар кишвар, минтақа ва сайёра тадбирҳои заруриро амалӣ гардонида истодааст.

Соҳаи маориф, ки дар рушду нумӯи он Шумо низ саҳми арзанда доред, тавассути ғамхориҳои ҳамешагии давлату Ҳукумати ҷумҳурӣ ба яке аз соҳаҳои муҳиму ҳалкунандаи ҳаёт табдил ёфтааст.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумат Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ раванди таълимро тибқи низоми кредитии таҳсилот ба роҳ монда, барои ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот қадамҳои устувор мегузорад ва мутахассисони рақобатпазирро вобаста ба талаботи бозори ҷаҳонӣ тайёр мекунад.

Бояд гуфт, ки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо шарофати ғамхориҳои ҳамешагии давлату Ҳукумат, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳду талошҳои Шумо омӯзгорон дар байни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва хориҷи он мавқеи хосса пайдо карда, хатмкардагони он дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи кишвар ва хориҷи он фаъолияти пурсамар мебаранд.

Ҳамкасбони азиз, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон тайи солҳои охир ба як қатор дастовардҳои назаррас ноил гардид, ки бешак, ҳамаи онҳо бо шарофати соҳибистиқлолии кишвари азизамон ба даст омадаанд.

Истиқлолияти кишвар, ки баъди чанд рӯз 28-умин солгардаш дар тамоми гӯшаю канори ҷумҳурӣ ва берун аз он бо шукӯҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардад, воқеан ҳам неъмати бебаҳост. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд "… мо бояд ба қадри он расем, шукрона кунем ва аз истиқлолияти давлатии хеш чун бахти безаволи миллат ифтихор дошта бошем".

Ҳамкасбони азиз, азбаски мову Шумо пешаи заҳматталаб - омӯзгориро ба уҳда дошта, таълимдиҳандаю тарғибкунандаи илму дониш ҳастем, бояд минбаъд низ мутахассисонеро тарбия карда ба камол расонем, ки онҳо воқеан ҳам донишҳои замонавиро фарогир бошанд ва дар рушду нумӯи кишвари азизамон саҳми муносиб гузошта тавонанд. Барои ин дар донишгоҳ заминаи хуби моддӣ-техникӣ, мутахассисони варзида ва дигар шароиту имкониятҳо мавҷуданд.

Аз ин рӯ, мо минбаъд низ кӯшишу ғайратамонро ба он равона месозем, ки дар баробари дигар дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат, алалхусус татбиқи ҳадафи чоруми миллӣ, яъне аз кишвари аграрӣ-индустриалӣ ба кишвари индустриалӣ-аграрӣ табдил додани Тоҷикистони соҳибистиқлол, беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия ва тайёр кардани мутахассисони ба талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ рақобатпазир ташаббускор бошем.

Боварӣ дорем, ки коллективи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо дарки баланди масъулиятшиносӣ дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар саҳми сазовор хоҳанд гузошт.

Дар ин рӯзи фараҳбахш бори дигар Шумо ҳамкасбону донишҷӯёни азизро бо оғози соли нави таҳсил ва 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатии ҷумҳурии азизамон самимона табрику муборакбод гуфта, бароятон дар раванди таълиму тарбия ва донишомӯзӣ комёбию муваффақиятҳои беназир таманно дорам.

Бигузор соли таҳсили 2019-2020 барои тамоми кормандони соҳаи маориф, аз ҷумла ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли бобарор ва пур аз дастовардҳои назаррас гардад.

**Раёсат, ҳайати омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон муаллими калони кафедраи система ва технологияи иттилоотӣ Муродова Шаҳло Сангимуродовнаро бо ҳимояи бомуваффақияти рисолаи номзадиаш дар мавзӯи "Формирование конкурентоспособности будущих специалистов в условиях применения циклических технологий" барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ табрику таҳният гуфта, ба ӯ дар ҷодаи фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва педагогӣ муваффақиятҳои нав ба навро орзуманданд.**

### Мухаммас ба ғазали Субҳия

## ҚАЛАМ БИГӮ

**Қалам, ҳабиби дилам**
**зи нағмаи баҳор бигӯ**
**Зи чангу таронаву навои**
**тор бигӯ**
**Дилам ба ёди ёри азиз**
**гум мезанад**
**Биё зи дурии он**
**ёри дилфигор бигӯ**
**Насими форам зи сӯи**
**диёрам мевазад**
**Биё зи тозагии насими**
**кӯҳсор бигӯ**
**Бигӯ, ки модари пирам**
**чашм ба роҳ мондааст**
**Зи нолаҳои дили модари**
**интизор бигӯ**
**Дилам ба ёди насиҳати**
**падар гум мезанад**
**Биё зи пандҳои падари**
**бузургвор бигӯ**
**Бигӯ, ки гӯши насиҳатшунав**
**кам монда ин замон**
**Алорағми замона панд**
**такрор ба такрор бигӯ.**

*Х. Ҷонмардова, мудири синфхонаи 1/303, факултети менеҷменти байналмилалӣ*

# САМАРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

## ё худ истиқлолият ба мо чӣ дод?

**Ба ин савол дар маҷмӯъ метавон чунин посух дод: сарчашмаи ҳамаи дастовардҳое, ки мардуми шарифи Тоҷикистон дар зарфи 28 соли соҳибистиқлолӣ ба даст овард, истиқлолияти давлатӣ ва ваҳдати миллӣ аст, ки дар таҳкими онҳо нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят бузург аст. Ба иборai дигар, тамоми дастовардҳое, ки тоҷикону тоҷикистониён дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ соҳиб гардиданд, бевосита натиҷаи ҷаҳду талош, заҳматҳои шабонарӯзӣ, роҳбарии оқилонаю хирадмандона, ташаббусҳои созанда ва ибтикороти Пешвои муаззами миллат мебошанд, ки онро ҳар як фарди бонангу номуси кишвар ба хубӣ эҳсос ва эътироф кардааст. Аз инҷост, ки Президенти кишвари мо дар арсаи олам обрӯ ва эътибори бузург доранд. Беҳтарин баҳоро дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин ҳанӯз соли 1999 дода буд: "Эмомалӣ Шарифович Раҳмонов яке аз симоҳои барҷастаест, ки дар байни сиёсатмадорони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавқеи намоёнеро ишғол мекунад. Ин беҳуда нест. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон раванди сулҳ тавре пойдор аст, ки назираш дар ҳеҷ як мамлакате, ки чунин вазъияти муташанниҷ дошт, дида намешуд".**

**Бо мақсади боз ҳам бештар рӯшанӣ андохтан ба саволи истиқлолият ба мо чӣ дод?, мухбирамон бо намояндагони касбу кори гуногуни донишгоҳ суҳбате анҷом дод, ки фишурдаи онро манзури хонандагони ҳафтанома мегардонем.**



**Нуриддин Амирӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарии ДТТ.**

Истиқлолият пеш аз ҳама озодӣ аст, ки онро ба ягон неъмати дунё муқоиса кардан аз рӯи адолату инсоф намебошад.

Истиқлолият неъмати азизтарин, муҳимтарин ва асоситарин барои ҳар як миллат аст. Маҳз пойдорию устувории истиқлолият аст, ки мо имрӯз дар фазои орому осоиштаи кишвари маҳбубамон умр ба сар мебарем ва аз тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бархӯрдорем.

Маҳз истиқлолият аст, ки Тоҷикистони мо тамоми сиёсати дохилию хориҷии худро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва бо дарназардошти манфиатҳои миллии худ роҳандозӣ менамояд ва дар гирифтани тасмим ба масъалаҳои мубрами сиёсати ҷаҳонӣ чун пештара ба "боло" наменигарад.

Бале, истиқлолият аст, ки имрӯз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми фасли сол ва новобаста аз вазъи ҳаво ба минтақаҳои гуногуни кишвар сафар мекунанд, молу колои худро бемамоният интиқол медиҳанд ва мамлакати мо ба як кишвари воҳиду том мубаддал гаштааст.



**М. Шобеков, и.в., профессори кафедраи иқтисодиёт ва идора.**

Истиқлолият ва озодӣ дар сарнавишти миллати тоҷик гардиши куллӣ ба вуҷуд овард ва оғози марҳалаи сифатан нави таърихӣ гардид. Тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ, кишвари мо ба шарофати заҳмати софдилонаи халқамон дар роҳи таъмини рушди сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии мамлакат ба натиҷаҳои намоён ноил гардид. Тавре Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд: "Дар як муддати кӯтоҳ мо натанҳо мушкилоти зиёди баъдиҷангиро бартараф карда, сулҳу суботро дар мамлакат барқарор сохтем, балки барои пешрафти бомароми кишвар асоси мустаҳкаму боэътимод гузоштем".

Воқеан ҳам, истиқлолият тантанаи хирад ва андешаи миллати солору куҳанбунёди тоҷик, оғози марҳалаи навини давлатдории миллӣ, омили иттиҳоду сарҷамъии мардуми фидокору ватандӯстамон, василаи муҳимтарини ҳифзи асолату ҳувияти миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, нишонаи возеҳи ҳастии миллат ба шумор меравад.



**Алишер Ниёзов, китобдори китобхонаи илмии ДТТ**

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон пеш аз ҳама барои мутахассиси хуб гардидани мо ҷавонон шароит муҳайё намуд. Имконият фароҳам овард, ки ман дар риштаи китобшиносию иттилоотшиносӣ дар фазои осоишта таҳсил намуда, соҳиби малакаю маҳорати баланди касбӣ гардам. Маҳз ҳамин сулҳу суботи даврони Истиқлолият ба ман имконият дод, ки дар риштаи илми китобшиносӣ ҳамчун докторант PhD корҳои тадқиқотии худро идома диҳам. Ба шарофати Истиқлолият мардуми тоҷик тавонист барои худ як давлати миллии шоиста бунёд кунад. Имрӯз мо - муҳаққиқони ҷавон бо забони давлатии худ ҳамаи корҳои илмӣ - тадқиқотиро таҳия мекунем ва ба ин восита аз забони арзишҳои миллии худ ҳифз менамоем. Аз забонҳои хориҷӣ ҳамчун забонҳои байналмиллалӣ ба таври фарох истифода менамоем, ки ин ҳам яке аз неъматҳои Истиқлолият аст. Истиқлолият моро ба комёбиҳои беназири илмию техникӣ мушарраф гардонд.



**Сулаймон Авғонов, нозири хадамоти бехатарии ДТТ.**

Кишвари мо бо сарварии Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист аз як кишвари ҷангзада ба кишвари пешрафтаи ҷаҳонӣ мубаддал гардад. Имрӯз мо, мардуми Тоҷикистон аз самараи ваҳдату истиқлолият, обрӯю эътибори байналмилалии кишварамон, бахусус мақоми баланди ҷаҳонии Президенти маҳбубамон ифтихорманд ҳастем. Тоҷикистонро имрӯз дар ҷаҳон чун кишвари амну ором, рушдёбанда, озоду мутараққӣ, ташаббускору иқдомҳои нек дар самти беҳбуди ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хубӣ мешиносанд ва эътироф мекунанд. Яъне истиқлолият Тоҷикистонро ба ҷаҳон ва ҷаҳонро бо Тоҷикистон пайваст.

**Назризода Собирҷон, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси молия ва қарз**



Истиқлолияти давлатӣ ба мо имкон дод, ки кишвар ва мардуми худро ба таври шоиста ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем.

Воқеан, дар бораи дастовардҳои истиқлолият ҳар қадар ки ҳарф занем, кам аст. Барои мисол пойтахти кишвар шаҳри Душанберо мегирем. Дар чанд соли охир шаҳр чунон ободу зебо гардид, ки қиёс ба садсолаҳоро мемонад. Кӯчаву хиёбонҳои гулпӯш, роҳҳои васеи ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ, хонаҳои бисёрқабатаи хуштарҳу зебои замонавӣ, таъсиси садҳо муассисаю корхонаҳои азими истеҳсолию хизматрасонӣ, илмию фарҳангӣ, иншоотҳои бузурги варзишӣ, ки воқеан ҳам ба ҳусни шаҳр ҳусну тароватии тоза мебахшанд, маҳсули бевоситаи даврони истиқлолиятанд.

Тавре насли калонсол нақл мекунанд то даврони истиқлолият намояндагони халқҳои аксар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ Тоҷикистонро ҳамчун ҷумҳурӣ намедонистанд. Хушбахтона, бо шарофати истиқлолият кишвари моро, ки узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид аст, беш аз 150 давлат ба расмият шинохтанд ва ба он муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуданд.

Ифтихори дигари мо тоҷикону тоҷикистониён ин аст, ки ҷаҳониён Сарвари давлату Ҳукумати мо, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун шахси ташаббускор мешиносанд ва эътироф мекунанд.

Маҳз бо ҷидду ҷаҳд ва иқдомҳои наҷиби Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ обрӯ ва мақоми хосса пайдо кард ва пойтахти он Душанбешаҳр макони баргузории конфронсу симпозиум ва дигар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ гардидааст, ки ин ҳама натиҷа ва самараи истиқлолияти давлатии кишвар аст.

Арзи ҳастӣ намудани садҳо литсейю гимназия, коллеҷҳо ва нисбати замони шӯравӣ қариб 5 маротиба афзудани муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ, ки баёнгари рушди соҳаи маориф ва илми кишвар мебошанд, натиҷаи даврони соҳибистиқлолии ҷумҳуриaнд. Аз ин рӯ, мо насли ҷавони кишварро лозим меояд, ки баҳри ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, пойдории сулҳу субот, мустаҳкамтар намудани ваҳдати миллӣ ва ободию шукуфоии ватани азизамон, ки онро ном Тоҷикистон аст, кӯшишу ғайрати бештар намуда, парчамбардори давлату миллати хеш бошем.

# INDEPENDENCE DAY OF TAJIKISTAN

In the late 1980 s political processes began in the Soviet Union, which have been associated with the start of the democratization of the Soviet society. Facing a spillover of the that began in the under the influence of the national-democratic forces began the process of declaring "state sovereignty" in the national parliaments of the republics. And so, sovereignty was also announced in the

On August 24, 1990, for the second session of the adopted the Declaration "On the Sovereignty of the Tajik SSR." But this sovereignty was declared while the Soviet Union still existed. Despite this, the Declaration was the first document of Tajikistan. It declared that "the Tajik SSR in the territory independently solve all political, economic, social and cultural issues, in addition to the issues that Tajikistan voluntarily transfers the competence of the USSR". According to the former Minister of Justice of the Republic of Tajikistan H. Hamidov, "Declaration was the first document towards independence. For example, it is the fifth article that had given the Supreme Council of the Republic the authority to stop the action of the documents of the USSR, which contradicted the legal rights in Tajikistan."

After the organized by the (19-21 August 1991), supporters of the conservative forces of in Moscow, in the national republics began processes proclamation of national independence. This event led to the discontent of the national-democratic and Islamic forces in Tajikistan, who fought against the which has been ruling the country. In, started the rally of supporters of opposition parties, where they are required to convene an extraordinary session of the Supreme Council of the Republic of Tajikistan, the declaration of independence and the resignation of management of the Tajik SSR, suspension Communist party activity. Extraordinary session of the Supreme Soviet of the Tajik SSR was convened. On September 9, 1991 at the session, Shuro Oli (Supreme Council) a Resolution and Declaration "On State Independence of the Republic of Tajikistan" was adopted.

***Шамсова Бибихосият Қудратовна, омӯзгори калони кафедраи забонҳои хориҷӣ***

# ТАНТАНАИ РӮЗИ ДОНИШ




Рӯзи 1 сентябр дар саросари кишвари азизамон соли нави таҳсил оғоз гардид, ки онро тамоми муассисаҳои таълимӣ бо дарси сулҳ оғоз намуданд. Ба ин муносибат омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, бахусус, донишҷӯёни курси якум, ки имсол ба боргоҳи маърифат қадами нахустин гузоштанд, дар ин чорабинӣ фаъолона иштирок намуданд. Дар тантанаи Рӯзи дониш муовини сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Азим Иброҳим ва сардори шуъбаи муассисаҳои илмӣ ва таълимгоҳҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Рӯзизода Акрам иштирок намуданд. Дар оғози чорабинӣ устодону донишҷӯён суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи пахши мустақими телевизионӣ бахшида ба Рӯзи дониш тамошо намуданд. Баъдан чорабиниро ректори Донишгоҳ Амонзода Илҳом Темур бо сухани ифтитоҳӣ оғоз намуда, омӯзгорон ва донишҷӯёнро бо фарорасии соли нави таҳсил табрику таҳният гуфта, бо камоли эҳтиром риштаи суханро ба Азим Иброҳим вогузор намуд. Мавсуф дар бораи дастовардҳои даврони истиқлолият ҳарф зада, нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро беназир арзёбӣ кард. Азим Иброҳим инчунин дар бораи боз ҳам беҳтар намудани сифати таълиму тарбия ва роҳҳои бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта дастуру маслиҳатҳои муфид доданд. Дар фарҷом ҷамъомадро ректори донишгоҳ ҷамъ





баст намуда, бо боварӣ изҳор намуд, ки ҳайати омӯзгорону профессорон ва кормандони донишгоҳ дар роҳи амалӣ гардонидани дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат, ба хусус, ҳадафи чоруми Ҳукумати кишвар-саноатикунонии босуръати мамлакат ва ба ин восита аз ҷумҳурии аграрию индустриалӣ ба кишвари индустриалию аграрӣ табдил додани он тамоми ҷидду ҷаҳд ва донишу малакаи касбии хешро ба харҷ медиҳанд.

***Х.Туроншоев, мудири шуъбаи тарғиботию фарҳангӣ***

# ИСТИҚБОЛИ ҶАШНИ ФАРХУНДА

Мо дар арафаи ҷашни муҳими давлатӣ - Рӯзи Истиқлолияти давлатии кишварамон қарор дорем. Бале, ин ҷашн аз он ҷиҳат аз ҳама асосӣ ва муҳим ба шумор меравад, ки мавҷудияту ташаккули миллат ва обрӯю эътибори он дар рӯи олам ва будани давлате дар харитаи сиёсии ҷаҳон аз истиқлолият сарчашма мегирад ва тамоми дастовардҳояш аз он вобаста мебошад. Оре, ҳамин истиқлолият аст, ки кишвари мо узви баробарҳуқуқи созмону ташкилотҳои бонуфузи байналмилалӣ мебошад ва сиёсати дохилию хориҷии худро бо дарназардошти манфиатҳои миллии худ амалӣ менамояд.

Миллати озодаву созандаи тоҷик, ки ҳамеша сарбаланду сарфароз буд ва ҳеҷ гоҳ асорати миллатҳои дигарро ба худ раво намедид, дар тамоми дарозои таърих барои ба даст овардани истиқлолияти миллию давлатӣ талош варзидааст ва ҳамеша орзую омоли раҳоӣ ёфтан аз султаи бегонагонро дар дил парваридааст. Ин мавзӯъ, яъне орзую омоли озодихоҳию озодипарастӣ дар осори бузургони миллатамон низ мавқеи босазоеро касб намудааст. Агар ба асари ҳамосавии Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ "Шоҳнома"-и безавол бингарем, хоҳем дарёфт, ки ин бузургвор дар мағз-мағзи ҷони мо, ҳар як ҳуҷайра ва ҳар як бофтаи бадани мо мехоҳад ғояҳои озодипарастӣ ва истиқлолхоҳиро ҷойгиру талқин намояд ва дар ҳеҷ вазъу ҳеҷ ҳолат наметавонад бо ғуломию бардагӣ муросо намояд. Маҳз қаҳрамони асосию марказии ин асари ҷаҳоншумул Рустами Дастон барои ҳимояи Ватани худ аз истилои аҷнабиён ҳамеша тайёр аст ва дар лаҳзаҳои мушкили зиндагӣ ва тохтутози ҷангиёни кишварҳои бегона баҳри фидокорӣ дар ҳифзи Меҳани хеш омодаи набард аст. Борҳо дар ҳолатҳои ҳассос ҷони худро ба хатар гузошта, Ватанро аз бегонагон ҳимоя намудааст.

Ё худ Коваи оҳангар, ки ҳаждаҳ писар дошт ва аз ин теъдод ҳабдаҳ нафарашро барои морони Заҳҳоки хунхор қурбон карданд. Ниҳоят ӯ аз ин бедоду ситам ба шӯр омада, пешдомани оҳангарияшро чун парчам бардошта ба зидди Заҳҳоки ситамгар қиём мекунад ва ба ин васила Ватани худро аз султаи писари Мардоси араб озод месозад ва баъди марги Заҳҳок боз ҳукумат ба дасти намояндагони ориётаборон, яъне Фаридун супорида шуд.

Ҳакими донишманду озодманиш Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар як шеъри худ:

**"Туркон ба пеши мардон з-ин пеш дар Хуросон,**<br>
**Буданд хору оҷиз ҳамчун зани саройӣ.**<br>
**Имрӯз шарм н-ояд, к-озодазодагонро,**<br>
**Кардан ба пеши туркон пушт аз тамаъ дутойӣ."**

бо як ҳисси баланди миллатдӯстию ватанпарастӣ иброз доштааст, ки миллати озода ё худ озодазодагон ҳеҷ гоҳ мутеи миллатҳои аҷнабӣ набуд, балки миллатҳои бегона онро эҳтиром менамуданду арҷ мегузоштанд. Шоир ин ҳолат, яъне дар назди дигарон сар хам карданро барои миллати озодманиши ориёӣ мавриди ору номус медонад ва бо ин суханон гуфтан мехоҳад, ки мо бояд барои ба даст овардани мустақилият талош варзем.

Бале, дар тӯли таърих миллати тоҷик зарбаҳои маргбору ҷонкоҳе аз аҷнабиён дидааст, истилои мақдунию арабу муғул, султаи ғазнавиҳову салҷуқиҳо, темуриҳову шайбониҳо ва манғитиҳо борҳо миллати бофарҳангу озодпарасти моро ба вартаи нобудию бенишонӣ кашидаанд. Вале ин миллати ғаюру далер дар лаҳзаҳои фоҷиабори зиндагӣ ҳам навмедиро ба худ роҳ надода, баҳри озодӣ ҷадал намудааст ва мисли мурғи самандар аз хокистар бори дигар сар ба фалак кашидааст ва ягон бори вазнине қомати ӯро хам нанамудааст.

Ё худ порчаи шеърии дигареро ба тариқи мисол меорем, ки ин аст:

**"Уштур, ки ихтиёраш дар дасти ӯ набошад,**<br>
**Мебоядаш кашидан боре ба нотавонӣ."**

Яъне агар миллат ҳам истиқлоли сиёсӣ дар даст надошта бошаду соҳибихтиёрӣ насибаш нагашта бошад, мисли уштуре, ки зимомаш дар дасти дигарон аст, ночору ноилоҷ маҷбур аст, ки хизмати бегонагонро ба ҷо биёрад.

Таърих гувоҳ аст, миллатҳое, ки ба кишвари мо ҳуҷум карда, бо истифода аз ихтилофҳои дохилӣ ба мо ғолиб омадаанд, барои пойдор кардани давлату ҳукумати худ муҳтоҷи қувваи донишу малакаи давлатдории намояндагони миллати мо будаанд. Гарчанде ба ном зимоми давлат дар дасти аҷнабиён қарор дошт, вале дар асл ақлу заковат ва даҳои зотию ирсии миллати мо буд, ки давлатҳои қудратманде пойдору устувор монданд. Инро мо дар мисоли вазирии Ҳакими бузург Абӯалӣ ибни Сино, сулолаи Бармакиён ва дигарон метавонем ҳамчун далели раднашаванда ва бурҳони қотеъ ба хотир биёварем.

Дар охирҳои солҳои ҳаштодуми асри гузашта дар саросари давлати абарқудрати шӯравӣ ҷунбишҳо ва таҳаввулоте ба вуҷуд омаданд, ки барои ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ аз ҷониби ҷумҳуриҳои миллии тобеъ барои баён намудани афкори сиёсӣ ва ақидаҳои истиқлолхоҳӣ заминаи мусоид пайдо гардид ва ин шароити бавуҷудомада дар байни қишрҳои дорои афкори пешқадам ҷунбишу ҳаракатҳои озодихоҳонаро ба миён овард, ки кишвари мо низ истисно набуд. Дар байни зиёиёни миллатпарвари тоҷик низ ақидаву ғояҳои истиқлолхоҳӣ баён намуд.

Санади нахустини ҳуқуқие, ки истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври расмӣ эълон кард, Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки 24 августи соли 1990 дар иҷлосияи дуюми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон (даъвати дуюм) қабул шудааст. Дар моддаи якуми эъломия оид ба таърифи истиқлолияти давлатӣ чунин омадааст: "Истиқлолияти давлатӣ - ягонагӣ ва ҳукмравоии ҳокимияти давлатӣ дар тамоми ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва соҳибихтиёрии он дар муносибатҳои хориҷӣ". Ин таърифи истиқлолият қадами ҷиддӣ ва боварибахше ба сӯи истиқлолияти комил буд.

9 сентябри соли 1991 дар Иҷлосияи ғайринавбатии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун дар бораи эълон гардидани истиқлолияти давлатии кишвар қабул гардид, ки он ҳамчун воқеаи бузурги таърихӣ арзёбӣ мегардад ва дар қисмати миллати мо гардиши куллиеро ба амал овардааст. Миллати озодманиши тоҷик ин навиди шодиоварро бо камоли фараҳу хушнудӣ пазируфт ва акнун дар шароити мустақилият ба зиндагию заҳмати осоишта шурӯъ намуд.

Аммо ин фараҳмандӣ дер давом накард. Душманони дохилию хориҷии миллати мо бо такя ба қувваҳои иртиҷоӣ дар мамлакат оташи ҷанги шаҳрвандиро афрӯхтанд ва ба ин васила кӯшиши бори дигар ба гардани миллати мо завлонаи ғуломӣ заданро ба миён гузоштанд ва бисёрҳо мехостанд, ки ӯро аз ин неъмати бебаҳо - истиқлолият маҳрум созанд. Ҷанги шаҳрвандӣ, ки онро гурӯҳҳои манфиатдор ва хадамоти махсуси кишварҳои бегона созмон дода буданд, кишвари тозаистиқлоли моро ба коми худ фурӯ мебурд, беҳтарин фарзандони фарзонаи миллат бо дасти ҳамватанони худ ба қатл мерасиданд, хонаю киштзорҳои зиёд вайрону валангор мегардиданд, дороии кишвар ба тороҷ мерафт, Меҳани азизи мо ба як майдони набард табдил ёфта буд. Вале тири душманони миллати мо хок хӯрд. Дар ҳамин лаҳзаҳои ҳассосу тақдирсозу тақдирсӯз абармарди миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимоми қудрати сиёсиро ба дасти тавонои худ гирифт ва киштии ғарқгаштаистодаи миллатро аз гирдоби маргбори туфони ҷанги шаҳрвандӣ берун овард.

Маҳз истеъдоди модарзоду худододи давлатдории ин сарвари муҳтараму муаззами мо буд, ки 27 июни соли 1997 Созишномаи истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ ба тасвиб расид ва дар кишвари мо фазои осоиштаву оромӣ пойдору устувор гардид.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ, яъне дар муддати на чандон тӯлонӣ таҳти роҳбарии оқилонаву хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои азиме ба анҷом расонида шуданд, ки онҳоро метавон ба садсолаҳо қиёс намуд.

Аз лаҳзаҳои аввали ба даст омадани сулҳу оштии миллӣ Сарвари хирадманди мо иброз дошт, ки баҳри пойдории истиқлолият анҷом додани се вазифаи асосӣ - баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ ва расидан ба истиқлолияти озуқаворӣ муҳим мебошад. Дар сурати анҷом напазируфтани яке аз ин ҳадафҳои стратегӣ истиқлолият ноқису номукаммал боқӣ мемонад. Аз ин лиҳоз, бо роҳнамоии Пешвои тавонои миллат баҳри дар амал татбиқ гардонидани ин ҳадафҳои стратегӣ қадамҳои устувору боварибахш гузошта шуданд ва ин ҳадафҳо ҳамчун ормонҳои миллӣ арзёбӣ гардиданд. Натиҷаи ҳамин суботкорию созандагиҳо аст, ки дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ кишвари мо бо истифодаи нақбҳои "Истиқлол", "Шаҳристон", кушода шудани шоҳроҳҳои Душанбе - Шоҳон - Дарвоз ва Мурғоб - Кӯлма - Қароқурум аз бунбасти коммуникатсионӣ баромада, ба як кишвари транзитӣ табдил ёфт, дар тамоми фаслҳои сол молу колои шаҳрвандон ба нуқтаҳои даркорӣ интиқол дода мешаванд ва монеаҳои мавҷуда аз байн бардошта шуданд.

Дар самти ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ низ гомҳои бузургу қавӣ бардошта шуданд ва кишвари бо бунёди иншоотҳои азим, ба мисли нерӯгоҳҳои барқи обии «Роғун», «Сангтӯда-1», «Сангтӯда-2», «Бойғозӣ» ба кишвари содиркунандаи барқ табдил ёфтааст. Инчунин баҳри расидан ба истиқлолияти озуқаворӣ корҳои бузурге анҷом пазируфтаанд, ки мамлакати мо дар арафаи табдил ёфтан ба як кишвари худкифо қарор дорад.

Яке аз дастовардҳои муҳими даврони истиқлолият - ин барпо намудани давлати ягона, дунявӣ ва ҳуқуқбунёди демократӣ мебошад, ки дар ин самт корҳои ҷолибе анҷом пазируфтаанд. Иброз доштани танҳо як нукта мусаллам аст, ки дар натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ Конститутсияи даврони истиқлолият қабул карда шуд, ки дар он тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дарҷ гардида, аз ҷониби давлат таъмину пуштибонӣ мегарданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як кишвари воқеан ҳам ҳуқуқбунёду демократӣ мубаддал гаштааст ва Қонуни асосии он яке аз беҳтарин конститутсияҳо дар миқёси кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил эътироф гардидааст.

Маҳз ба шарофати фазои оромию осоиштагии кишвар имрӯз сокинони мамлакат ба заҳмати бунёдкорона баҳри ободию рушди Ватани азизамон камар бастаанд.

***Нуриддин Амирӣ, муаллими калони кафедраи фанҳои гуманитарӣ***

# САНҶИШИ САТҲИ ДОНИШИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ

Асосогузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд намуданд: "Ба Ҳукумати мамлакат, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, Академияи илмҳо супориш дода мешавад, ки дар нимсолаи аввали соли 2019 барномаи нави такмили таълими забонҳои русӣ ва англисиро барои давраи то соли 2030 таҳия ва пешниҳод намоянд".

Аз ин лиҳоз, мо, омӯзгорони забони англисиро зарур аст, ки барои баланд бардоштани сатҳи касбияти худ мунтазам кӯшиш намоем, пайваста ба худомӯзӣ машғул шуда, сифати таълиму тарбияро боз ҳам беҳтар гардонем.

Албатта, ҳамаи мо бо роҳу усулҳо ва методикаи ба худ хос кори таълиму тарбияро пеш мебарем. Лекин дар замони муосир пешрафти ҷомеа, тараққиёти илму техника ва технология тақозо мекунад, ки омӯзгорон аз усулҳои фаъоли таълим истифода баранд. Ҳар як устод бояд кӯшиш намояд, ки тамоми малакаю маҳорати хешро дар раванди таълим истифода бурда, ба воситаи ҳар гуна санҷишҳо ва тестҳо сатҳи дониши хонанадагонашро муайян намояд.

Ба ҳамагон якчанд намуди санҷиш маълум аст: диктант, санҷиши тестӣ, санҷиши дониши луғавӣ, санҷиши дурусти хониш ва ғайра. Тарзи гузаронидани ин гуна санҷишҳо набояд дилгиркунанда бошанд. Корҳои санҷиширо гуногунранг бояд гузаронд ва на фақат ба тарзи хаттӣ, балки санҷиши даҳониро низ ба кор бурдан ҷоиз аст.

Тестҳо ба шогирдон барои ҷамъбаст ва мустаҳкамкунии мавзӯъ кумак мерасонанд. Тавассути тестҳо хонандагон мавзӯи гузаштаро пурра аз худ менамоянд ва дониши худро сайқал медиҳанд. То чӣ андоза ба мақсад расидани омӯзгор ба маҳорату истеъдод ва таҷрибаи ӯ вобаста аст. Зеро ҳангоми гузаронидани чунин тестҳо хонанда серҳаракату чаққон мешавад ва савияи дониши худро муайян месозад. Хонанда ҳаракат мекунад, ки дар вақти муқарраргардида ба саволҳои тестӣ ҷавоби дуруст гардонад. Бояд гуфт, ки дар раванди таълим, омӯзгор бояд кӯшиш намояд, ки худи хонандагон низ оид ба ин ё он мавзӯи грамматикӣ ё худ ягон матн ё ҳикояи хондашуда, тестҳо тартиб дода, пешкаши ҳамсабақонашон гардонанд. Инро ҳам яке аз усулҳои босалоҳияти таълим шумоaridan мумкин аст.

Мо, омӯзгорони Литсейи инноватсионии "Душанбе", якчанд маҷмӯаҳои тестиро тартиб дода, аз чоп баровардем, ки омӯзгорони фанни забони англисӣ метавонанд аз онҳо истифода баранд. Ногуфта намонад, ки ҳар як тест ба силсилаи дарсҳои гузашта алоқаи зич дорад. Ин хеле қулай аст, чунки мо метавонем аз натиҷаи ҷавобҳо ба худ хулоса бароварда, муайян намоем, ки хонандагон кадом мавзӯъро бад ва кадомашро хуб аз худ кардаанд.

Бояд қайд намуд, ки санҷишро метавонем барои мустаҳкамкунии мавзӯъ ё худ барои санҷиши сатҳи дониши хонандагон истифода барем. Аз ин лиҳоз, барои мустаҳкамкунии мавзӯи гузашта, мо метавонем ҳам санҷиши даҳонӣ ва ҳам санҷиши хаттӣ гузаронем.

Бозии "What is my problem?"-ро мисол меорем. Як хонанда ба назди тахтаи синф баромада, ин саволро медиҳад. Дар як варақ менависем "I have no a ticket" ва ҳамчун тоҷ дар болои сари ин хонанда онро мепӯшонем. Хонандагони нишаста ба ӯ ёрӣ мерасонанд, ки мушкилоти худро ёбад. Ба ӯ мегӯянд: You want to go to Moscow. You have a dream to see the Red square. You want to visit your granny etc. Хонандаи дар назди тахтаи синф буда, чунин ҷавобҳо медиҳад "I have no money". I have no a passport. My parents don't allow me. I have no a ticket" .

Намуди дигари санҷиш ин ба воситаи "шунавоӣ" ва ё "биноӣ". Ба хонандагон як маротиба ягон намуди матн шунавонида мешавад (матн бояд аз калимаҳое иборат бошад, ки дар давоми 2-3 дарси охир гузаштаанд), бори дуюм ин матнро бо дигаргунӣ мехонанд, яъне баъзе калимаҳоро намехонанд ва онро бо калимаи "banana" иваз менамоянд. Хонандагон бояд фикр намуда, калимаи ивазшударо нависанд. Баъдан, бори сеюм матн хонда мешавад ва ё худ дар тахтаи электронӣ пайдо мешавад. Хонандагон метавонанд корҳояшонро худашон ва ё аз они ҳамсинфашонро санҷанд. Бояд гуфт, ки ин намуди санҷиш дар хонандагон бодиққат ва дар вақти санҷиш ростқавл буданро тарбия менамояд.

Намуди санҷиши "биноӣ" ба воситаи тамошои филмҳои




кӯтоҳмуддати гуногун (вобаста ба синну соли хонандагон) гузаронида мешавад. Хонандагон филмро тамошо карда, баъд аз он ба саволҳо ба таври хаттӣ, ба таври даҳонӣ ё бо навиштани эссе ҷавоб медиҳанд. Ногуфта намонад, ки дар ҷараёни таълим, дар вақти бозӣ-санҷиш хусусиятҳои синну солӣ бояд ба назар гирифта шуда, вобаста ба он, мавод тайёр карда шавад.

Албатта, ҳамаи шумоён санҷиши сатҳи дониши хонандагонро ба таври худ мегузаронед. Ин буд қатрае аз баҳр оид ба методикаи таълими забони англисӣ ва ҳар як омӯзгор бояд кӯшиш намояд, ки саҳми хешро дар татбиқи он гузорад.

***Гулбаҳор Эшонқулова, омӯзгори фанни забони англисии Литсейи инноватсионии "Душанбе"***

# КИТОБУ КИТОБДОРӢ ДАР ДАВРОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛӢ

Истиқлолият тантанаи хирад ва андешаи миллати солору куҳанбунёди тоҷик, оғози марҳалаи навини давлатдории миллӣ, омили иттиҳоду сарҷамъии мардуми фидокору ватандӯсти мо, василаи муҳимтарини ҳифзи асолату ҳувияти миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, нишонаи возеҳи ҳастии миллат ба шумор меравад.

Дар ин марҳилаи созанда дар баробари дигар пешрафтҳо соҳаи китобдорӣ низ ташаккул ёфт. Истиқлолияти давлатӣ эҳёи ҳамаҷонибаи соҳаи китобдориро дар ҷумҳурӣ таъмин намуд.

Рушди соҳаи китобдорӣ, ки дар натиҷаи сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин давра ба даст омадааст, яке аз дастовардҳои бузурги Истиқлолияти давлатӣ маҳсуб меёбад. Ин нуктаро муҳаққиқи соҳаи китобдорӣ С.Шосаидов дар тадқиқотҳои худ чунин тасдиқ намудааст: "Муҳимтарин дастоварди Истиқлолияти Тоҷикистон дар соҳаи китобдорӣ ин ташаккули сиёсати давлатии китобдории устувор бар мабнои ҳувияти миллӣ ва арзишҳову меъёрҳои умумибашарӣ мебошад. Бо шарофати ҳамин сиёсати оқилона фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон тадриҷан ба фазои ягонаи китодории ҷаҳони муосир ворид мегардад".

Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун оғози марҳилаи сифатан нави ташаккули миллати тоҷик муҳаққиқону мутахассисони соҳаи китобдориро водор намуд, ки арзишҳову суннатҳои мавҷудаи китобдориро бо зеҳни тоза дар заминаи унсурҳо ва анъанаҳои арзишманди миллӣ бо истифода аз афкори ғановатманди китобдории ҷаҳон, таҷрибаи пешқадами китобхонаҳои кишварҳои мутараққӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ такмил диҳанд.

Соҳаи китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ба дастовардҳои бузурги таърихӣ ноил гардид, ки дар ягон давру замон мислаш дида намешавад. Соҳаи китобдорӣ дар тӯли таърих дар давраи соҳибистиқлолии кишвар хеле пешрафт намуд, ки ин нукта дар мақолаҳои илмию китобҳои тамоми олимони соҳаи китобдорӣ дарҷ гардидаанд. Муҳаққиқи соҳа С.Шосаидов иброз медорад, ки: "Роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус, Президенти мамлакат бо истифодаи оқилонаи фурсати мусоиди таърихӣ-истиқлолияти миллӣ дар як муддати ниҳоят кӯтоҳ баҳри рушди фаъолияти китобдорӣ тадбирҳое андешиданд, ки дар қиёс бо дигар марҳилаҳои ташаккули миллати тоҷик дар самти рушди соҳаи китобдорӣ ва сиёсати китобдории кишварҳои ҳамсоя беназиранд" .

Воқеан андешаи муҳаққиқ доир ба саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон далелнок буда, як қатор санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие, ки дар ин давра қабул гардидаанд, исботи андешаҳои болоянд. Дар ин радиф метавон "Консепсияи маданияти Тоҷикистон" (13.03.1992), "Консепсияи Китобхонаи миллии Тоҷикистон" (1992, Р.Шарофзода), пайдоиши консепсияҳои алтернативӣ (С.Сулаймонӣ), қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи табъу



нашр" (27.12.1993), "Дар бораи фарҳанг" (13.12.1997), "Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он" (13.11.1998), "Дар бораи иттилоот" (10.05.2002), "Дар бораи ҳифзи иттилоот" (2.12.2002), "Дар бораи фаъолияти китобдорӣ" (1.08.2003), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи беҳтар намудани вазъи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А.Фирдавсӣ" (14.08.2003, №361), "Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон" (30.12.2005), қабули 4 барномаи давлатии рушди соҳаи китобдорӣ - "Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015", "Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015", "Барномаи давлатии компютеркунонии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013", "Барномаи рушди Китобхонаи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020" (2016), эълон гардидани "Рӯзи китоб" (2007), бунёди бинои мӯҳташами Китобхонаи миллии Тоҷикистон (2012)-ро метавон номбар намуд.

Дар тамоми санадҳои номбурда масъалаи илми китобдорӣ ва ривоҷу равнақи он ҷойгоҳи хосса дошта, татбиқи нишондоди онҳо омили муҳиму таъсирбахши фаъолнокии раванди эҷоди илмӣ дар марказҳои калонтарини соҳаи китобдории ҷумҳурӣ гардид.

Ҳамзамон, бояд таъкид намуд, ки дар соли 2019 яке аз иқдомҳои созандатарини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ин Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба баргузории озмуни ҷумҳуриявии "Фуруғи субҳи доноӣ..." миёни тамоми қишрҳои ҷомеа мебошад. Таърих боре ёд надорад, ки чунин як озмун ҷиҳати ҷалби ҷомеа ба мутолиа аз ҷониби Роҳбари давлат амр шуда бошад. Ташкили чунин як озмун бевосита бо дастури Сарвари давлат далели он аст, ки Тоҷикистонояндаи дурахшон дорад. Зеро дар Тоҷикистон китобхонаҳо бунёд мекунанду ҷомеаро ба мутолиа ҷалб менамоянд. Мамлакате, ки ҷиҳати саводнокгардонии шаҳрвандони худ ғамхорӣ мекунад, бешак,ояндаи дурахшон дорад.

***Абдумуминзода Ситора, мудири китобхонаи илмии ДТТ***

**Дар ҳошияи озмуни ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доноӣ"**

# КИТОБ НУРБАХШИ ҚУДРАТИ ТАВОНО

***Бе китоб, эй дӯстон,***
***дунёи мо норавшан аст,***
***Тираву торик ҳамчун***
***хонаи беравзан аст.***

Адиби машҳури рус Максим Горкий дар васфи китоб навиштааст: "Дар китоб неруи бузург ниҳон аст. Китобе нест, ки ба одамон чизе наомӯзад. Дар танҳоӣ бештар китоб мутолиа намоед, он гоҳ нерӯи тавоно ва нишотбахши онро дарк хоҳед кард". Воқеан қудрати китоб хеле бузург асту сарҳад надорад. Зеро тамоми комёбиҳою саодатмандиҳои инсон аз мутолиаи бештари китоб ва дар амал татбиқ кардани он донишҳои аз китоб гирифта сурат мегирад. Китобҳо низ ҷавҳари эҷоди тафаккури инсонҳои бузургу донишманд ҳастанд, ки натиҷаи дониши андӯхтаи худро рӯи варақҳои ҷовидонаи китобҳо барои ояндагон чун илм ба мерос мондананд. Маҳз китоб аст, ки дуруду суруди асрҳоро дар оинаи пурҷилои худ равшан ба намо мегузорад. Имрӯзиёну дирӯзиён таърихи гузаштаи худу кишвари худ, таърихи дунёю рӯзгори худро тариқи ин ганҷи бебаҳо омӯхтаанд. Китоб дар ҳаёту рӯзгори инсонҳо навгониҳои рушддиҳандаи маънавию фарҳангро ба бор оварда, инсонҳоро равшанфикру бузургандеш мегардонад. Агар ба таърих бингарем мебинем, ки халқи тоҷик аз даврони қадим ба китоб меҳри беандоза парварда китобро ҳамчун чизи муқаддас азизу муътабар қадрдонӣ карда, худ китобдӯсту китобхон буданд. Чуноне ки Пешвои миллат дар кушодашавии Китобхонаи миллӣ иброз доштаанд: "Халқи тоҷик аз даврони қадим китобро сарчашмаи ақлу хирад, донишу заковат, ахлоқи ҳамида ва беҳтарин ҳамнишину ҳамроз, омӯзгори беминнат, ҳамсуҳбати хушгуфтору беозор мепиндошт. Ва бузургони мо китобро аниси кунҷи танҳоӣ ва фурӯғи субҳи доноӣ медонистанд".

Иқдоми неку наҷиби Сарвари давлат, Пешвои муаззами миллат - озмуни "Фурӯғи субҳи доноӣ..." идомаи арҷгузории халқи тоҷик ба китобу китобхонӣ аст. Талошҳои пайгиронаву самарабахши ин сарвари хирадманду донишпарвар барои сайқалёбию такмили дониши ҳамаҷонибаи мардуми кишвар манфиатбахшу муфид аст. Зеро ин иқдом агар аз як ҷониб баланд бардоштани нақшу мавқеи китоб дар ҷомеа бошад, аз дигар тараф, ҳадафи баланд бардоштани ҳувияти миллӣ, худшиносию худогоҳиро дорад. Ин озмун ишқи китобро дар қалбҳо ба сабзиш оварда меҳри гузаштаи китобхону китобдӯстии мардуми моро, ки имрӯзҳо аз китобу китобхонӣ андаке фаромӯш кардаанд шояд чун шамъи хирасӯз, ки фурӯғаш андак гардидааст, мунаввару пурнур мегардонад. Умед дорем ин озмун, ки тӯли як сол баргузор гардида истодааст, самараҳои некеро ба бор овардааст, зеро дар муддати як сол аксари мардуми кишвар, аз ҷумла ҷавонони зиёд, ки сатҳи баланди маънавию фарҳангӣ дар тафаккур доранд рӯ ба китобу китобхонӣ оварда дар озмунҳои мактабу ноҳияю шаҳрҳо дониши худро такмил бахшиданд. Ва боз ҳам такони муҳим гардид барои ҳамаи қишрҳои ҷомеаи Тоҷикистон, бахусус ҷавонони кишвар, киояндасозу меросдорони ин миллату ин сарзаминанд. Аниқ аст, баргузории ин озмун ҳадафу воситаи нақшгузорест барои комилтар гардидани фарҳанги мардуму ҷомеа. "Зеро бо ин гуна ташаббусҳои саодатофаранда, мо метавонем шавқу хоҳиши китобхонии аҳолии кишварро бедор намоем ва гоми пурсамаре дар роҳи сохтани миллати дорои ҳувият ва ҳисси баланди меҳанпарастию ватандорӣ ниҳем".

***Тагойгули Саъдулло, корманди китобхонаи ДТТ***

# Аз осори Ҳёте



• Ҳофизо, бо ту баробар будан
Чӣ хаёлест муҳол!
Хешро чун ту ба қадр афзудан
Нест ҷуз айни вубол!...

• Ман муриде зи муридони туам, эй устод.

• Ҳар кӣ худ ва дигаронро бишносад, бад-ин нукта пай барад, ки аз ин пас Шарқу Ғарб ҷудо наметавонанд зист. Дерест, ки ман дар олами андеша миёни Машриқу Мағриб роҳ месипарам. Кош раҳсипорони воқеӣ низ ба сафар бархезанд ва Шарқро ба Ғарб наздик кунанд.

• Ҳамеша қаҳрамон будан имконнопазир аст, аммо ҳамеша одам мондан мумкин.

• Аблаҳон назар ба ҳамаи дуздон музиртаранд: онҳо якбора ҳам вақт ва ҳам табъи моро медузданд.

***Таҳияи Қ. Давлатёр***

# Кӯдакони шуҳратёри сарватманди олам

## Мулло ал - Ҳасан




Мулло ал - Ҳасан яке аз хушбахттарин кӯдакони сайёра аст, ки барои зиндагии арзандааш тамоми шароит муҳайёст.

Ӯ моҳи майи соли ҷорӣ ба синни 16 қадам мениҳад. Аллакай, дороиаш 2,5 миллиард доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

Ҳасан фарзанди шоҳи Марокаш Муҳаммади VI ва Малика Лалла Салма аст, ки вориси тахти ин кишвари аз ҷиҳати стратегӣ барои Аврупою Африқо муҳим ба шумор меравад.

***Таҳияи М. Қодирова***

# Офтоб чанд ранг дорад?



Мо як ранг - ранги тиллоии офтобро медонем. Вале он ҳангоми ғуруб сурх ҳам мешавад. Пажуҳишгарон Офтоби нилобӣ, кабуд ва ҳатто сабзро ҳам дидаанд.

Масалан, соли 1815 одамон аз дидани Офтоби зангор ба даҳшат афтода буданд. Ин ҳодиса пас аз оташфишонии вулқони Тамбора, ки дар уқёнуси Ҳинд воқеъ аст, рух дод.

Дар соли 1883 баъди оташфишонии вулқони Краката Офтоби кабуд мушоҳида шуд. Соли 1950 бошад, дар кишварҳои Олмон, Фаронса, Швейтсария ва Дания Офтоб ранги нилобӣ гирифт, ки сабабгори асосӣ сӯхтори ҷангалзори Канада маҳсуб мешуд.

Баъзан, ҳатто якбора чанд Офтобро дидан мумкин аст. Дар мавсими сармо то се офтобро мушоҳида кардаанд. Яктои он ҳақиқӣ ва дутои дигараш ҷилои он буд. Сокинони Шимол чунин зуҳуротро дар табиат "Офтоби гӯшдор" меноманд. Сабабаш ба таври гуногун ҷойгиршавии кристаллҳои ях дар фазои коинот мебошад.

***Таҳияи Бузургмеҳри Баҳодур***

*=. =. Адабиёт .= .=*

# Ин ҳам мегузарад




Мардеро дидам, ки либоси гаронқиммат бар тан дошт ва мошини гаронбаҳотаре дар канораш истода буд ва ӯ ба девори хирае менигарист ва ашк мерехт. Наздаш рафтам ва ба нуқтае, ки хира шуда буд, бодиққат нигоҳ кардам, навишта буд, "Ин ҳам мегузарад".

Аз он мард ҳол пурсидам:

Гуфт:

- Ин навиштаи ман аст. Чанд соле пеш дар ин нуқта ҳезум мефурӯхтам ва инро он замон навиштам. Ва аз байн чанд сол гузашту соҳиби сарвати зиёде шудам.

Пурсидам:

- Чӣ шуда, ки боз инҷо баргаштӣ?

Гуфт:

- Омадам то боз бинвисам, "Ин ҳам мегузарад".

# Филме, ки миллиардҳо даромад овард

Тибқи натиҷаҳои соли 2018, блокбастери "Интиқомгирандагон: Ҷанги Беинтиҳо" зиёда аз 2 миллиард доллар ҷамъ овард. Ҳамин тавр дар таърихи кинемотография ин чорумин филми маблағи аз ҳама бештар ҷамъоварда гардид. "Боғи давраи Юрск", "Нурафшонӣ", "Бабри сиёҳ" ва дигар филмҳои маъруф рӯйхатро пурра карданд.

# Аҷоиботи олами ҳайвонот

• На танҳо пашм, балки пӯсти палангҳо ҳам рах-рах аст.

• Мардумаки чашми ҳаштпо гирд нею росткунҷа аст.

• Дили зарофаҳо миёни ҳайвонҳои хушкигард аз ҳама калон ва фишори хунашон аз ҳама баланд мебошад.

• Вазни тухми шутурмурғ метавонад ба 1,5 килограмм расад. Барои дар об пухтанаш онро на кам аз 40 дақиқа ҷӯшондан лозим меояд.

• Парвози аз ҳама тӯлонии ба қайд гирифташудаи мурғи хонагӣ 14 сония давом кардааст.

***Таҳияи Умари Алӣ***

# Лотерея

## 30 бурд дар як рӯз

Сокини иёлоти Вирҷинияи ИМА Дебора Браун якбора 20 чиптаи лотереяи арзиши ҳар кадомаш як доллари "Pick 4" - ро харидорӣ намуд. Зан дар чип-




таҳо мувофиқати рақамҳоро дида, боз 10 чиптаи дигар ҳам харид.

Ҳангоми натиҷабардорӣ маълум шуд, ки ҳамаи 30 чиптаи харидаи зан бурд намудааст. Аз ҳама аҷибаш ин буд, ки бурди ҳар чипта 5 ҳазор доллариро ташкил медод. Хонум Браун, ки чунин ранг гирифтани корро ҳеҷ умед надошт, ба ҳаяҷон омада, чӣ тавр сарф намудани 150 ҳазор доллари бурднамудаашро намедонад.

***Таҳияи Муҳаммадраҷаб Бердиёров***

## Қобилиятҳои ғайриодии инсонҳои одӣ

# Одами бехоб

Оё боре санҷидаед, ки зиёда аз 48 соат нахуфта худро бардам ҳис кунед? Не, албатта. Чунки ду шабонарӯз он тараф истад, ҳатто баъд аз як рӯзи бехобӣ одам худро беҳолу бемадор ҳис мекунад, аммо деҳқони ветнамӣ Тхай Нгок беш аз 45 сол аст, ки мижа таҳ намекунад. Ба



гуфтаи худаш бар асари бемории вараҷа ба бехобӣ гирифтор шудааст. Гарчанде барои хоб кардан бисёр кӯшиш мекунад ва ҳатто дору истеъмол менамояд, аммо бефоида. Аҷибаш ин аст, ки ӯ тамоман солим буда, табибон дар ӯ нишонаи ягон бемориро пайдо накардаанд.

***Таҳияи Меҳрангез Қодирова***

# Номҳои дурӯғин

## Ё асрори тахаллусҳои одамони машҳур

Тахаллус ё "псевдоним" ин номи бофта аст. Дар забони юнонӣ маънои "псевдо" - "дурӯғ" буда, "ним" - "ном" мебошад. Аксар вақт ҳамин хел мешавад, ки шахс бо тахаллусаш дар ҷаҳон машҳур шуда, номи асосиашро ҳеҷ кас намедонад. Пас, биёед номи аслии чанде аз шуҳратёронро ҷӯё мешавем:



1. Номи аслии актёр ва устоди каратэ Чак Норрис - Карлос Рэй Норрис (хурдӣ) мебошад. Вақте ӯ дар синни 19-солагӣ дар Кореяи Ҷанубӣ хизмат мекард, он ҷо ба ӯ номи Чакро гузоштанд.



2. Устоди варзиши тан ба тан Брюс Ли аз волидон ду ном гирифтааст - яке Ли Сяолун (ӯро дар хона ҳамин тавр ном мебурданд) ва Ли Чжэнфан (номи аслиаш). Баъд аз он ки ба Амрико сафар мекунад, барои душвории ном тахаллуси Брюс Лиро мегирад.



3. Сароянда аз Украина Королина Куек бо тахаллуси Ани Лорак ба шарофати конкурси "Ситораи саҳарӣ - 95" машҳур шуд. Гап дар сари он, ки дар конкурс сарояндаи дигаре аз Россия бо номи Королина номнавис шуда буд. Барои аз ин вазъияти ногувор баромадан, ӯ номашро чаппа, яъне Ани Лорак ба қайд мегирад.



4. Нависандаи фаронсавӣ Амандина Аврора Люсил Дюпен романҳон "Консуэло", "Индиана" ва дигарро замоне навиштааст, ки барои ҷинси латиф навиштани асар қатъиян манъ шуда буд. Бинобар ин, тахаллусашро бо исми мардона Жорж Санд интихоб кардааст.

***Таҳияи Гулистон Мавлоназарова***

# Ҷиотӣ Амге - зани хурдтарини дунё



Ҷиоти Амге хурдтарин зани дунё ба ҳисоб рафта, соли 1993 дар Нагпури Ҳиндукстон ба дунё омадаст. Аҷиб ин аст, ки танҳо дар 18-солагӣ баландии қади Ҷиотӣ ба 68,2 см расид, ки баробари қади навраси дусола буд. Ҳамагӣ 12 кг вазн дошт. Бо вуҷуди ин, бо ҳамаи камбудиҳояш ӯ худро хушҳолу хушбахттарин зан меҳисобад. Соли 2012 Ҷиотиро ба "Китоби рекордҳои Гиннес" ҳамчун "Зани хурдтарин дар ҷаҳон" ворид намуданд.

Ҷиотӣ айни ҳол 25 сол дошта, орзу дорад, ки дар оянда яке аз моделерони шӯҳратманд гардад.

***Таҳияи Р. Карим***

# Рустаниҳо ҳам мусиқӣ гӯш мекунанд



Рустаниҳо ҳам мисли ҷонварон мусиқиро ҳис мекунанд ва зери таъсири он нашъунамо меёбанд. Ин таҷрибаро дар рустаниҳо бори аввал ҳиндуҳо гузаронда буданд, аммо он замон таҷрибаи эшон камтар маъруфият пайдо кард. Соли 1960 Ҷорҷ Смит ном шаҳрванди Амрико дар ду қисмати ҳавлии худ ҷуворимакка кошта, таҷрибаи ҳиндуҳоро такрор намуд. Шароити нашъунамо, таркиби хок ва об якхела буд. Фарқ танҳо дар он буд, ки ҷуворимаккаҳои пали дуюм мусиқию сурудҳои гуногуни радиоро намешуниданд.

Аз ин сабаб рустаниҳои пали якум зуд неш зада, қад кашида, решаҳои бақувват ёфтанд. Дар пали дуюм баръакс.

Ҷорҷ то соли 1963 ин таҷрибаро се бор такрор кард. Соли сеюм дар чор қитъаи замин ин таҷрибаро гузаронд. Ҷуворимаккаҳои пале, ки мусиқии орому бомаром мешуниданд, нисбат ба ҷуворимаккаҳои мусиқии баланд мешунида, ва дар шароити муътадил инкишофёбанда, 17 дарсад зиёдтар ҳосил дод. Дар натиҷа маълум шуд, ки мусиқӣ дар рушди рустаниҳо ёрии калон мерасондааст.

***Таҳияи Бузургмеҳри Баҳодур***



**Нуралӣ Валӣ- муаллими калони кафедраи физика, телекоммуникатсия ва фанҳои техникии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар баробари омӯзгорӣ ба шеъру шоирӣ низ шавқу ҳаваси зиёд дошта, то кунун 8 маҷмуаи ашъораш рӯи чоп омада, дастраси ҳаводорони каломи бадеъ гардидааст.**

**Аҳли эҷоди ҳафтаномаи "Фановар" чанд шеъри ӯро, ки дар маҷмӯаи ҳафтуми ашъораш "Аз каён то кайҳон" ҷой дода шудаанд, рӯи чоп оварда, ба устод дар кори басо заҳматталаби омӯзгорӣ ва рушди минбаъдаи эҷодиёташ барору комёбиҳо таманно доранд.**

## Дили ошиқ

Дили ошиқ мисоли шӯриши мурғи саҳар бошад,
Касе дар қайди ишқе нест, хуфта бехабар бошад.
Зи ганҷи рӯйи олам як нигоҳи ёр беҳ бошад,
Висоли ӯ барои бедилон мисли сипар бошад.
Ба по хори мағелон гар занад, парво намесозӣ,
Вале аз новаки миҷгони он гул пурхатар бошад.
Гирифторӣ ба касро ҳеҷ як оқил намехоҳад,
Гирифторӣ ба ишқи гулрухон, аммо дигар бошад.
Каломи ишқ ботакрор гуфтан булҳавасорост,
Валекин сӯхтан бар ошиқи содиқ ҳунар бошад.
Раҳи осон надорад ошиқӣ, бо дӯхтан созӣ,
Бихандад бахт гар сӯят, аз ин сӯзиш самар бошад.
Агар маъшуқа озар бошаду даъват кунад сӯяш,
Чу дон бар хирмани оташ фитодан хубтар бошад.
Ҳамеша дар ғами дидори ёраш Нуралӣ бошад,
Ҷигар садпора шуд, васлаш чу обе бар ҷигар бошад.

## Дар кори худ ҳушёр бош

Хез аз ғафлат, писар, дар кори худ ҳушёр бош,
Дарс омӯхтӣ агарчӣ, боз дар такрор бош.
Ҳеҷ гаҳ чашми тамаъ бар моли мардум н-афганӣ,
Дар сари молу манолат лек худ бедор бош.
То тавонӣ, пораи ноне бибахшо бар касе,
Дар сари хонат ҳамеша марди хушгуфтор бош.
Гар сухан қадре надорад, бештар хомӯш бош,
Даргузар аз бахси ноҷо, дур аз озор бош.
Ҳеҷ гаҳ аз кардаву кирдор мағрурӣ макун,
Бо ҳама аъмоли нопокон чу як қаҳҳор бош.
Волидонро кун дуоъ гӯ, пурс аз мӯре мадад,
Хоки пойи волидон шав, тоҷи нусратёр бош.
Талхгуфторӣ ҳамеша дӯстро душман кунад,
Лек душман душман аст, ӯро луоби мор бош.
Обрӯйи хешу аҷдодон ту манмо оби ҷӯ,
Дар талоши раҳму раҳматбоии Ҷаббор бош.

## Чӣ медонӣ?

Надорӣ раҳбалад гар, роҳи манзилро чӣ медонӣ?
Ба сурат вола гашта, асли оқилро чӣ медонӣ?
Хатарҳои сафарро бо нишастан кай ту дарёбӣ,
Раҳи чун мор печопечу маҳмилро чӣ медонӣ?
Сафедиҳои мӯ баҳри ту пайғоми фано бошад,
Ало, эй бехирад, ту ақли комилро чӣ медонӣ?
Агар майро ҳалол аз кулли неъматҳо бидонӣ ту,
Агар инат ҳақ аст, маънии ботилро чӣ медонӣ?
Ба одам аз азал кину адоват ҳамдамӣ дорад,
Чиҳо кард Ҳобилу чун кушт Қобилро, чӣ медонӣ?
Ҳама оқил бувад дар кори таъбири фалак ҳайрон,
Ту инсонхории ин золи ҷоҳилро чӣ медонӣ?
Либоси фохират рӯзи дигар шояд наояд кор,
Гул астӣ, Нуралӣ, пас қимати гилро чӣ медонӣ?

## Хоксорӣ кун...

Назди меҳмонат нахуст бояд намакдон оварӣ,
Бо ҳамин корат ба худ ту шӯҳрату шон оварӣ.
Пайрави ту гаштааст фарзанд, шукре боядат,
Бар ҷаҳони фонӣ гӯё марди майдон оварӣ.
Нам-нами борони найсонро ба худ андак мадон,
Бехабар монӣ аз он, ки шӯру туғён оварӣ.
Беғамӣ з-имон ҷудо месозадат, ҳушёр бош,
Чун ҷавонӣ боядат ногуфта имон оварӣ.
Корвонро ҳифз кардӣ, мақсадат ҳосил шавад,
Ҳам зи Ҳинду ҳам зи Чин моли фаровон оварӣ.
Ризқро бояд ки бо заҳмат биёбӣ, эй ахӣ[1],
Хайр ту бегуфтугӯ, он дам бари хон оварӣ.
Чун баҳор ояд, мисоли дигарон дилшод бош,
Бар гулистон рав, ки то гулҳои хандон оварӣ.
Нуралӣ, ҳамранги ҷамъият бизӣ, мағрурӣ чист?
Хоксорӣ кун, ки гӯё зевар аз кон оварӣ.

*[1]Ахӣ - бародар (лафзи арабист)*

# ЗАНГИ АВВАЛ МЕДИҲАД ОХИР САДО...

**Чашмаи саршори илм аз остони мактаб аст,**
**Мурғи масти орзу аз ошёни мактаб аст.**
**Ақлу дониш, илму ирфон, дафтару меҳри китоб,**
**Баҳри мо хидматрасон аз ганҷи кони мактаб аст.**

Оре, мактаб бузургдаргоҳест, ки баробари дар остонааш қадам гузоштан хурдон бузург, бузургон барнодил ва бехирадон соҳибхирад мегарданд. Мактаб макони илму маърифат, фарҳангу адаб ва донишу хирад аст. Нест касе, ки аз ин даргоҳи муқаддас сабақ нагирифта бошад. Нест бузургдиле, ки сабақи устоде надида, ба ҷое расида бошад. Ҳама наслҳои инсонӣ бевосита дар ин даргоҳи бузурги маърифатӣ қадамҳо гузошта, ба камол расидаанд. Ин аст, ки оғози соли хониш тамоми инсонҳоро дар ҳама давру замон ба даврони хаёли кӯдакию наврасӣ ва камолот мебарад.

Ин аст, ки 1- уми сентябри соли ҷорӣ саҳни литсейи инноватсионии "Душанбе" баҳри баргузории дарси "Дониш ва Сулҳ" хеле зебою гуворо ороста шуда буд. Ба ҷамъомади тантанавӣ ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ Назарова М.Р ҳусни оғоз бахшиданд. Муаллима ҳамагонро бо ин рӯзи фархунда табрику шодбош гуфта, барояшон беҳтарин таманниётро орзу намуданд:

**Мекунем хурсандиҳо таҳсили нав оғоз шуд,**
**Қалби ҳар тифле шукуфон гашт, мисли лола шуд.**
**Ҳамчу Модар сӯйи тифлон оғӯши гармаш кушод,**
**Бар камоли маърифат ҳар тифли мактаб вола шуд.**

Баъдан ба майдон хонандагони синфи 1-ум бо чеҳраҳои хушу болида зери роҳбаладии омӯзгорони ғамхору дилсӯз ворид гардиданд. Инҳо тифлаконе буданд аз ақлу хирад дур, ки аввалин қадамҳои худро ба ин даргоҳи муқаддас ранҷа намуда, фардо умед бар он доранд, ки ҳамчун ашхоси соҳибмаърифат ба камол расида, боиси ифтихори халқу ватани хеш гар-



данд. Аз ҷониби тифлакони дӯстрӯяк пораҳои шеърӣ дар васфи мактабу илму дониш қироат гардиданд, ки ин аз шодию хурсандии беинтиҳои онҳо шаҳодат медод.

**Ватан ин модари ҷон асту ҷонон аст,**
**Ватан дар риштаи ҷон хуни шарён аст.**
**Ватан бар ҷони ман доруву дармон аст,**
**Ватандорӣ агар аз лавҳи имон аст.**

Зери ин порҳои шеърӣ дар фазои саҳни литсей Гимни Ҷумҳурии Тоҷикистон хуш садо медиҳад.

Ташрифи меҳмонон бошад, ба бошукуҳтар гардидани чорабинии тантанавӣ боис гардид. Муовини ректори ДТТ оид ба равобити байналмилалӣ, профессор Х. Бобоев ва профессори ҳамин донишгоҳ О. Хоҷамуродов ҳозиринро бо Рӯзи дониш ва соли нави таҳсил шодбош гуфта, барояшон орзуҳои некро таманно карданд.

Саҳни литсейро рақси мавзуни гулдухтарон ҳусну таровати хосса бахшид.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дастовардҳои литсейи инноватсионии "Душанбе" дар соли хониши 2018-2019 хеле назаррасанд. Нуҳ нафар хонандагони литсей узви ҳақиқӣ ва бовосита Академияи илмҳои хурди Ҷумҳурии Тоҷикистон гардиданд:

Ҳамдамова Нилуфар, хонандаи синфи 8 "в" дар бахши журналистика, Идиева Таҳсина, хонандаи синфи 11 "в" дар бахши педагогика, Ҳошимова Томирис, хонандаи синфи 11 "б" дар бахши психология, Аминаи Шералӣ, хонандаи синфи 11 "б" дар бахши психология, Жураев Лугмон, хонандаи синфи 11 "г" дар бахши математика, Исоматов Фаридун, хонандаи синфи 11 "б" дар бахши забони англисӣ, Қурбонова Адиба, хонандаи синфи 11 "б" дар бахши география, Шамсулло Ҳусно, хонандаи синфи 11 "д" дар бахши забони англисӣ, Ҳаитбоева Шоҳсанам, хонандаи синфи 11 "а" дар бахши биология.

Ҳамчунин ду нафар хонандагони литсей - Сатторзода Бузургмеҳр ва Зиёратшоҳи Абдурасулзода гирандаи стипендияи Президентӣ ба шумор мераванд.

Ҷонишини директор оид ба таълим ва тарбия Аҷиҷимил Г.Ҷ ин дастовардҳои хонандагонро бахрашон шодбош гуфта, аз тамоми шогирдони литсей даъват ба амал оварданд, ки дар хониш пайгири чунин комёбиву муваффақиятҳо бошанд.

Баъд аз лаҳзае ба гӯш овози занги аввал мерасад. Садои занге, ки тамоми шогирдонро ба олами донишу хирад раҳнамун месозад:

**Занги аввал медиҳад инак садо,**
**Соли таҳсил боз ёбад ибтидо.**
**Ин саҳар бо чеҳраҳои пур зи нур**
**Бо дили лабрезу шодию сурур,**
**Бо гулу гулдаста мактаб омадед**
**Аз пайи мақсуду матлаб омадед.**

Бо чунин мисраъҳои шеърӣ ва зери мусиқӣ дӯстрӯякони хурдакак вориди толори литсей мегарданд.

Хонандагони дигар синфҳо низ баҳри донишомӯзӣ ва таълиму тарбия дохили синфхонаҳо гардиданд.

***М. Назарова, ҷонишини директор оид ба корҳои тарбиявӣ,***
***Р. Хайлоева, раиси иттиҳодияи методии забон ва адабиёти тоҷик***



Фановар

Рӯзнома бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ чоп мешавад.

САРМУҲАРРИР: Раҷабалӣ ШАРИФОВ

МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Ҳайати таҳририя:
Амонзода И.Т., Тошматов М.Н., Юсупова З.Р., Ҳакимов Ғ.Қ., Бобоев Х.Б., Юсупов М.Ч.

Нишони мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 63/3

Рӯзнома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба ӯҳда намегирад.

*Рӯзнома 04 июли соли 2017 таҳти рақами 007/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта шудааст.*

*Рӯзнома дар ҶДММ «Мега принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Теъдоди нашр 2000 нусха.*